Муаммои ташаккули маҳорату малакаҳои мустақилият дар раванди кори таълимии эҷодӣ махсусан бо назардошти талаботе мубрам аст, кинисбат ба омӯзгор дар доираи таълими кредитӣ пеш гузошта шудаанд, зеро мувофиқи муқаррароти он омӯзгори оянда усулҳои кори таълим ва фаъолияти фикриро бояд чунон аз худ намояд,ки на танҳо мустақилона онҳоро интихоб ва дар фаъолияти касбиаш дар мактаб татбиқ карда тавонад, балки онҳоро дар хонандагон ташаккул диҳад, ба ин раванди мураккаб мақсаднок роҳбарӣ намояд. Дар ин замина, ташаккули мустақилият якеаз вазифаҳои муҳимтарини донишҷӯёни мактабҳои олии педагогӣ дар шароити таълими кредитӣ ба шумор меравад.

Исбот кардани нуқтае зарурат надорад, ки амалисозии пурра ва бомуваффақиятитамоми талабот ба тадрису омӯзиши ЗХ дар доираи низоми нав танҳо дар шароити дидгоҳи назариявӣ ва амалиявӣ нисбатба ташкили раванди таълим имконпазир аст. Бинобар ин, алҳол дар бисёр мактабҳои олии мамлакат, инчунин дар хориҷа ҷустуҷӯи методҳои бештароқилона ва самараноки ташкили кори мустақилона дар раванди тадриси забонҳои хориҷӣ, махсусан баъди гузаштан ба низоми кредитии таълим давом дорад. Ҷустуҷӯ моро ба коркард ва дар амалия татбиқ намудани технологияи инкишофи мустақилияти донишҷӯён дар раванди фарогирии ЗХ ҳамчун ихтисос дар шароити низоми кредитии таълим водор намуд.

**Дараҷаи коркарди мавзӯи таҳқиқот.** Таҳлили сарчашмаҳо ошкор кард, ки масъалаҳои ташаккулу инкишофи ғояи мустақилияти зеҳниро дар алоқамандии зич бо андӯхтани таҷрибаи меҳнатӣ мутафаккирони давраи қадимАрхити Тарентӣ, Суқрот, Афлотун, Арасту, Аристоксен ва дигарон баррасӣ карда буданд. Дертар ин масъала аз ҷонибипайравони онҳо (Д. Дюи,Я. Коменский,М.Монтен, И.Песталотси, Ж.Руссо, Г.Спенсер ва диг.) инкишоф дода шуд.

Дар асрҳои XVII-XIX ба масъалаи мустақилият дар таҳқиқоти Е.Славинетский, М.Ю.Ломоносов, В. Татишев мавриди таваҷҷуҳи зиёд қарор гирифт. Минбаъд муаммои методу воситаҳои инкишофи мустақилият ҳамчунин дар асарҳои В.Г. Белинский, М.Г.Гарунов, А.И. Герсен, Н.А. Добролюбов, Ю.Н. Кулкюткин, Н.И.Новиков, П.И.Пестел, П.Пидкасистий, Д.И.Писарев, Н.А. Половинкова, А.Н. Радишев, Н.Г.Чернишевскийва дигарон таҳқиқ шудааст. Назарияи ангезишро вобаста ба азхудкунии малакаҳои мустақилият аз ҷониби таълимгирандагон Н.Ф.Бунаков, В.И.Водовозов, А.Я.Герд, Н.А.Корф, В.П.Острогорский, Д.Д.Семенов, В.Я.Стоянов, Н.Ф.Улянов, К.Д.Ушинский ва дигарон баррасӣ кардаанд.

Ба ҳалли муаммои мустақилияти таълимгирандагон педагогикаи асри XX саҳми назаррас гузошт. Дар таълифоти баъзе муаллифон мафҳуми мустақилият чун сифати асосии шахсият (П.П. Блонский, Н.К.Крупская, А.В.

Луначарский, А.П.Пинкевич, Н.С.Пистрак, С.Т.Шатский ва диг.) инъикос гардидааст. Масъалаҳои моҳияти фаъолияти мустақилонаи таълимгирандаро Е.Я.Голант, П.Н. Груздев, М.А.Данилов, Б.П.Есинов, М.П.Кашин, Р.М.Микелсон, И.Т. Огородников, М.Н. Скаткин, Р.Б. Срода ва дигарон баррасӣ кардаанд.

Дар давраи муосири инкишофи илм бо масъалаи назарияи ташаккулу инкишофи мустақилияти донишҷӯён педагогҳо ва дидактикҳо Г.Н. Динитс (2002), Е.М.Зайко (2002), К.Г. Чикнаверова (2004), Т.И. Бербаш (2005), Ш.Р.Рабаданова (2007), равоншиносон С.В.Чебровская (2003), Ю.В. Яковлева (2011), методистон И.П.Павлова (1992), О.В.Чувилина (2009), С.Ф.Катержина (2010) ва дигарон,ҳамчунин мутахассисон оид ба навъҳои алоҳидаи донишҳои илмӣ дар муассисаҳои тадқиқотӣ ва муассисаҳои таълимии гуногун машғуланд, ки шумораи онҳо сол то сол меафзояд.

Муаллифони муосири хориҷӣ, аз қабили H.Reinders (2010), A. Bhattacharya, K.Chauhan (2010),N.Tahijial, P.Birjandi (2011), G.Hamphreys, M.Wyatt (2014) масъалаҳои гуногуни назарияи мустақилияти таълимгирандагонро дар мамлакатҳои алоҳидаи Осиёю Аврупо баррасӣ кардаанд.

Вобаста ба ҷорӣ намудани низоми кредитии таълим дар мактабҳои олии Ҷумҳурии Тоҷикистон солҳои охир дар илми тоҷик бахшида ба масоили таълими кредитӣ, ҳамчунин масъалаҳои ташаккулу инкишофи сифатҳои шахсиятӣ ва касбии донишҷӯён миқдори муайяни корҳо (диссертатсияҳо, монографияҳо, мақолаҳо) дар доираи низоми таҳсилоти мазкур анҷом дода шуданд.Чунончи,дар кори Д.Н.Сангинова асосҳои назариявӣ ва тамоюлҳои инкишофи низоми кредитиитаълим дар маҷмӯъ баррасӣ шудаанд.Дар диссертатсияи З.М.Муҳаммадиева дар бораи инкишофи иқтидори зеҳнию когнитивии донишҷӯён дар шароити низоми мазкур сухан меравад. С.М.Фозилов ташаккули мустақилияти маърифатии донишҷӯёнеро таҳқиқ кардааст, ки фанҳои математикиро аз рӯи низоми кредитии таълим дар мактаби олӣ меомӯзанд.Дар мақолаҳои М.А.Абдуллоева роҳҳои такмили

нутқи шифоҳии экспрессивии хориҷӣ, ҳамчунин такмили эҷодкориидонишҷӯён дар доираи низоми кредитии таҳсилот ҳангоми таълими ЗХ баррасӣ шудаанд.

Вале, мутаассифона, тоҳол назария ва амалияи педагогӣ бо зарурати ҷустуҷӯи ҳалли чунин ***ихтилофҳо*** байни талаботи низоми кредитӣ барои ташаккулу инкишофи мустақилияти донишҷӯён зимни омӯхтани ЗХ ва мундариҷаи раванди таълим, ки бо сабаби нокифоягии инфироди гардонидани таълим ба инкишофи малакаҳои мустақилият нигаронида нашудааст рӯ ба рӯ мешавад; Инчунин самарабахшии на он қадар баланди машғулиятҳои амалии таълимӣ; коркард нашудани талабот ба кори мустақилонаи аудиторӣ ва беруназаудиторӣ, азбаскӣ дар нақшаҳои таълимӣ ва силлабусҳо,онҳоодатан дар сатҳи зарурӣтавсиф нашудаанд; набудани технологияи самарабахши инкишофи мустақилияти донишҷӯён дар раванди омӯзиши ЗХ чун ихтисос дар шароити низоми кредитии таълим масъалаҳои ҳалталаби назария ва амалияи педагогӣ ба шумор меравад.

Ба назари мо, низоми кредитии таълим, ки дар раванди таҳсилоти мактаби олӣҷорӣ карда мешавад, бояд камбудиҳои низоми анъанавиро пурра истисно намуда, ҳаддалимкон инфиродӣ намудани таълим, ҳамчунин аз ҳисоби мувофиқ гардонидани вақту фазои кори мустақилонаи донишҷӯён ва кори инфиродии омӯзгор бо як донишҷӯ самарабахшии баланди устувори машғулиятҳои таълимиро таъмин кунад. Ин бартараф намудани сарбории зиёди донишҷӯро, ки бо кори мустақилонаи беруназаудиторӣ алоқаманд аст, имкон медиҳад.

Ба андешаи мо, ташкили дуруст ва татбиқи низоми кредитии таълим метавонад яке аз ҷанбаҳои манфии таълимро бартараф намояд: набудани назорати аз ҷиҳати илмӣ асоснокшуда азхудкунии мавод дар раванди таълим, яъне набудани робитаи акс, зеро низоми кредитӣ амалисозии назорати ҳам иҷрошавӣ, ҳам азхудкунии маводи таълимродар раванди машғулият пешбинӣ мекунад.Шаклҳои гуногуни назорат, ки дар таҳқиқи мо коркардшуданд,барои роҳ надодан ба якрангии рафти машғулиятҳо имкон

медиҳанд, зеро чунин низом шаклҳои гуногуни назорати тамоми фаъолияти ҳар як донишҷӯ, ҳамчунин назорати ҷамъбастиро ҳам дар ҳиссаҳои хурд (назорати марҳалавӣ, ки баъди ҳар 6 ҳафтаи таълим пешбинӣ шудааст) ва ҳам дар ҳиссаи калон (имтиҳони ҷамъбастӣ) пешбинӣ мекунад, ки бешубҳа, метавонад ба азхудкунии нисбатан устувори иттилооти дар рафти таълим фарогирифта мусоидат намояд.

Ба назари мо, барои инкишофи мустақилияти донишҷӯён дар шароити низоми кредитӣ нақшаеро коркард боядкард, ки идоракунии кори мустақилонаи донишҷӯёнро таъмин карда, ба донишҷӯ имкон диҳад, ки бе дахолати омӯзгор худаш роҳи барояш мувофиқ ва тартиби иҷрои ин ё он супоришро интихоб намояд.Ғайр аз ин, чунин шакли нақшагирӣ лозим аст, ки ба ҳар донишҷӯ донистани онро имкон диҳад, ки дар фосилаи муайяни вақт кадом корро бояд иҷро кунад, ӯро барои иштирок кардан дар коркарди мундариҷаи курсҳои элективӣ аз рӯи ихтисос водор созад. Ин омили таҳрикдиҳандаи омӯзиши забони хориҷӣ буда метавонад.

Ба ақидаи мо шакли ба мақсад мувофиқтарининақшагирӣ дар шароити якҷоякунии кори мустақилонаи аудиторӣ ва беруназаудиторӣбанақшагирӣ ва идоракунии амсилавӣ мебошад, ки маводро ба қисмҳои алоҳидаи супоришҳо ҷудо карда, давомнокии супоришҳоро аз рӯи баёни мавзӯъмуайян менамояд, мақсадҳои мобайнӣ ва ниҳоии таълимро дақиқ гардонида,пайдарпайии иҷрои супоришҳо ва имконияти тағйир додани ин тартибро ифода менамояд, инчунин тарзҳои робитаиаксро (назорат, назорати мутақобила, худназорат) нишон дода, вобаста шароиту зарурат ба нақша тасҳеҳ даровარда,ҳаҷми пурраи маводро дар семестр возеҳ нишон медиҳад.

Инак, дар қаринаи нуктаҳои зикршуда мо таҳқиқи ҷанбаҳои назариявӣ ва амалии инкишофи мустақилияти донишҷӯёнро дар раванди омӯзиши забони хориҷӣ чун ихтисос дар шароити низоми кредитии таълим дар мактабҳои олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мадди аввал мегузорем.

Дар адабиёти педагогӣ ба қадри кофӣ коркард нашудани масъалаи инкишофи мустақилияти донишҷӯён - омӯзгорони ояндаи забони хориҷӣ дар

доираи низоми кредитии таълим, набудани технологияи инкишофи мустақилияти онҳо, ҷустуҷӯи роҳҳои ҳалли ихтилофҳои ошкоршуда дар ҷанбаҳои назариявӣ ва амалӣ мавзӯи диссертатсияро таъйин кард: **«Технологияи инкишофи мустақилияти омӯзгорони ояндаи забони хориҷӣ дар шароити муосири таълими забони хориҷӣ (дар асоси маводи факултетҳои забономӯзии макотиби олии Ҷумҳурии Тоҷикистон)»**

## ТАВСИФИ УМУМИИ КОР

**Ҳадафи таҳқиқот**: коркард ва санҷиши озмоишии технологияи инкишофи мустақилияти донишҷӯёни МТО-и забономӯзӣ дар шароити ҳозираи таълими забони хориҷӣ дар асоси муносибатҳои педагогие, ки дар раванди таҳсилоти муосир истифода мешаванд.

**Объекти таҳқиқот**: раванди ба донишҷӯён омӯхтани забони хориҷӣ (англисӣ) дар шароити омодагии касбӣ дар МТО.

**Предмети таҳқиқот**: инкишофи мустақилияти донишҷӯёни МТО-и забономӯзӣ дар раванди истифодаи технологияи муаллиф дар мувофиқат бо талаботи низоми кредитии таълим.

**Фарзияи корӣ**: сатҳи инкишофи мустақилияти донишҷӯёни МТО-и забономӯзӣ баландтар мегардад, агар:

-дар донишҷӯ омодагӣ ба мунтазам баланд бардоштани сатҳи маълумот, эҳтиёҷба фаъолгардонӣ ва татбиқи иқтидори шахсиятии худ, қобилияти мустақилона ба даст овардани навъҳои нави салоҳият,қобилият ба худинкишоф ба мушоҳида расад, қобилияти гузоштан ва ноил гардидан ба мақсади омӯхтани ЗХ инкишоф ёфта, ангезаи ҳалли вазифаҳои барои ба даст овардани ҳадафҳо мавҷуд бошад;

-коркарди низоми супоришҳо, ки дар раванди кори мустақилона иҷро карда мешаванд, ки онро омӯзгор ва бевосита худи таълимгиранда идора мекунанд, дар он сохтори ҳамкории омӯзгор –> донишҷӯ ва донишҷӯ –> донишҷӯ ба идоракунӣ, идоракунии мутақобил, худидоракунӣ, ҳамчунин ба назорат, назорати мутақобил ва худназорат асос меёбад:

- истифодаи банакшагирии модулии раванди таълим, ки ба донишҷӯ тамоми ҳаҷми маводи забонии мавриди омӯзишро возеҳ нишон медиҳад;

-инкишоф додани қобилиятҳои когнитивии донишҷӯ, маҳз тафаккур, самтгирӣ дар фазо ва вакт, фаҳмиш, омӯзиш, қобилияти мулоҳизаронӣ, ҳамчунин фаъолияти нутқ, маҳорати амалӣ гардонидани ҷустуҷӯи иттилоот тавассути кори мустақилона оид баЗХ;

-истифодаи технологияи инкишофи мустақилияти донишҷӯён дар раванди омӯзиши ЗХ чун ихтисос дар шароити низоми кредитии таълим, зеро ташкили дурусти амалиёти донишҷӯ бо маводи забонӣ азхудкунии малакаҳои мустақилиятро таъмин менамояд.

**Вазифаҳои таҳқиқот:**

- анҷом додани таҳлили ҳамаҷонибаи консепсияҳо ва ақидаҳо оид ба масъалаи инкишофи мустақилияти донишҷӯён дар раванди таълим, ки дар адабиёти илмии педагогӣ, психологӣ ва методии ватанӣ ва хориҷӣ баён гардидаанд;

- баррасӣ кардани нуқтаи назари олимон дар бораи моҳияти категорияҳои “мустақилият,” “кори мустақилона” ва дар асоси таҳлили онҳо ифода кардани таърифи худии мафҳумҳои мазкур;

- омӯхтани самтҳои муосири таҳқиқоти илмии ватанӣ ва хориҷӣ оид ба масъалаи ташкили кори мустақилона зимни омӯзиши ЗХ дар МТО - и забономӯзӣ;

- ошкор кардани навъу шаклҳои кори мустақилона дар омӯзиши ЗХ чун ихтисос ва таҳлил кардани талаботи низоми кредитӣ оид ба ташкили кори мустақилона ва идоракунии он;

- коркарди технологияи инкишофи мустақилияти донишҷӯён-омӯзгорони оянда дар раванди омӯзиши ЗХ дар МТО-и забономӯзӣ дар шароити низоми кредитии таълим, ки ҳамчунин ба фаъолияти маърифатии онҳо, маҳорати самтгирӣ дар вазъияти воқеӣ,дуруст ба миён гузоштани масъалаҳо, дарёфти дидгоҳҳова роҳҳои ҳалли онҳо, ҳамчунин тариқи

озмоишсанҷидани самаранокии технологияи пешниҳодшаванда мусоидат мекунанд.

**Методҳои таҳқиқот:**

- омӯзишу таҳлили адабиёти фалсафӣ, психологӣ, педагогӣ, психолингвистӣ ва методӣ оид ба муаммои таҳқиқшаванда;

- таҳлили стандартҳои давлатии амалкунандаи таҳсилот,барномаҳои таълимӣ, китобҳои дарсӣ ва дастурҳои таълим оид ба амалияи нутқи шифоҳӣ ва хаттии забони англисӣ (минбаъд АНШХ) барои факултетҳои забономӯзӣ;

- истифодаи методҳои ташхисӣ дар шакли суҳбат, анкетагирӣ, тестгирӣ, мушоҳида;

- омӯзиш ва ҷамъбасти таҷрибаи мутахассисони пешбар, ки курси АНШХ-и забони англисиро дар факултети забономӯзӣ дарс медиҳанд;

- гузаронидани буришҳо то озмоиш ва баъди озмоиш барои ошкор сохтани сатҳи ташаккули мустақилияти донишҷӯён- омӯзгорониояндаи забони англисӣ;

- таълими озмоишӣ, ки ба инкишофи мустақилияти донишҷӯёни факултетҳои забономӯзӣ мувофиқи технологияи коркардшуда нигаронида шудааст.

**Навгонии илмии кори диссертатсионӣ:**

1) ду шакли кори мустақилонабаррасӣ шуданд, ки дар раванди таълим дар шароити таълими кредитӣ дар мактаби олӣ (КМРО ва КМД)чун асоси ташаккул ва инкишофи мустақилияти донишҷӯён аз мавқеи муносибати шахсиятӣ-фаъолиятӣ бо нақши пешбари ангезиш, қобилиятҳои когнитивӣ, муоширатпазирӣ, худидоракунӣ, хударзёбӣ ва ғайра истифода мешаванд.

2) омилҳои асосие, ки ба инкишофи мустақилият таъсир мерасонанд, ошкор гардиданд: вазифаҳо дар сохтори таъсири коммуникативӣ–нутқии омӯзгор ҳангоми таълими фонетика, грамматика ва лексикаи забони англисӣ, маҳорати омӯзгор дар саҳеҳ тартиб додани супоришҳо; шартҳои педагогии самаранокии кори мустақилона дар шароити

низоми кредитии таълим (муназзамӣ, пайдарпайӣ, назорати рейтингӣ ва ҷамъбастӣ, робитаи акс); шартҳои педагогӣ-психологии самаранокии инкишофи шахсияти таълимгирандагон; методҳои таълими интерактивӣ ва усулҳои кори мустақилона бо сарчашмаҳои иттилоот;

3) технологияи идоракунӣ, ҳамкорӣ, назорати омӯзгор ва худи донишҷӯён ҳангоми омӯзиши забони хориҷӣ коркард шуда, усулҳои дидактикии ташкили КМРО ва КМД пешниҳод гардиданд, шаклҳои пешбари машварат ва баҳодиҳии донишҷӯён тавассути технологияҳои муосир (интернет, замимаҳо, лабораторияҳои лингафонӣ) мавриди истифода қарор гирифтанд;

4) технологияи ташаккули мустақилияти донишҷӯён дар раванди омӯхтани ЗХ ба сифати ихтисос дар шароити низоми кредитии таълим дар асоси маводи факултетҳои забонии Ҷумҳурии Тоҷикистон татбиқ шуд;

5) шаклу натиҷаҳои баҳодиҳии азхудкунии сатҳи мустақилияти донишҷӯёни мактаби олӣ (ангезиш, таҳлил, худтаҳлил, омодагӣ барои ҳифзи нуқтаи назар ва ғ.) пешниҳод гардиданд.

**Аҳамияти назариявии таҳқиқ**дар он аст, ки доираи амалҳои донишҷӯён зимни иҷрои кори мустақилона дар МТО-и забономӯзӣ ва берун аз он ҷиҳати инкишофи малакаҳои мустақилияти онҳо густариш ёфтаанд, ки бевосита ба методу тарзҳои идора кардани раванди таълим аз ҷониби омӯзгор, ҳамкории таълимгирандагон, худидоракунӣ, ҳамчунин назорати мутақобил ва худназорат дар низоми таълим, муайян кардани мақсаду вазифаҳои омӯзгору донишҷӯҳангоми ҳосил намудани малакаҳои мустақилияти субъектҳои таълим дар раванди омӯзиши забонҳои хориҷӣ дар мисоли фанҳои махсус вобаста мебошанд.

**Аҳамияти амалии диссертатсия** аз он иборат аст, ки технологияи пешниҳодшуда ва тавсияҳои муаллиф метавонанд дар раванди тадриси фонетикаи амалӣ, грамматикаи амалӣ, АНШХ-и забони хориҷӣ, дар таҳияи китобҳои дарсӣ ва дастурҳои таълим дар факултетҳои забономӯзӣ, ҳамчунин

дар МТО ғайрифилологӣ бо мақсади инкишофи мустақилияти субъектҳои таълим дар раванди омӯзиши ЗХ дар МТО истифода шаванд.

**Пойгоҳи таҷрибавӣ-озмоишии таҳқиқот.** Дар таълими таҷрибавӣ донишҷӯёни курсҳои 1 ва 2(ихтисоси “забони англисӣ”) МДТ “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров” ва Донишкадаи омӯзгории педагогӣ дар ш. Панҷакент ииштирок карданд. Даркори озмоиш 320 нафар иштирок доштанд.

**Ташкил ва марҳалаҳои таҳқиқот:**

Марҳалаиякум (солҳои 2018-2019) – омӯхтани вазъи масъалаи ташкил ва гузаронидани кори мустақилона аз ЗХ дар сатҳи таҳсили МТО; таҳлили сарчашмаҳои фалсафӣ, педагогӣ, психологӣ ва методӣ оид ба мавзӯи таҳқиқот; гузаронидани озмоиши муқарраркунанда бо мақсади муайян кардани сатҳи мустақилиятидонишҷӯёни пурсидашуда, ошкор кардани норасоиҳое, ки ба инкишофи мустақилияти онҳо монеъ мешаванд; ҷамъбасти тавсияҳои сермаҳсули методӣзимни коркарди технологияи инкишофи мустақилияти донишҷӯён дар раванди омӯзиши ЗХ дар шароити низоми кредитии таълим дар МТО –и забономӯзииҶумҳурии Тоҷикистон .

Марҳалаи дуюм (солҳои 2019-2020) муқаррароти асосии назариявии таҳқиқот дар асоси омӯзиши сарчашмаҳои дахлдор ва натиҷаҳои марҳалаи муқарраркунандаи таълими озмоишӣмуайян шуданд; ҷадвали диагностикии ташхисӣ барои муайян кардани сатҳи мустақилияти донишҷӯён коркард шуд; технологияи муаллифии инкишофи мустақилияти донишҷӯёни МТО забономӯзӣ дар машғулиятҳо аз рӯи ихтисостартиб дода шуд, усулҳои методие таҳия гардиданд, ки ба баланд бардоштани сатҳи мустақилияти донишҷӯён мусоидат мекунанд.

Марҳалаи сеюм (солҳои 2020-2022) - гузаронидани санҷишиозмоишии технологияи пешниҳодшуда, коркарди омории нишондиҳандаҳои миқдорию сифатии кори озмоишӣ, муқоисаинатиҷаҳо бо муқаррароти фарзияи корӣ; таълиф ва ба шакл даровардани диссертатсия.

**Асоси методологии таҳқиқотро** тадқиқоти психологию педагогӣ, методӣ, фалсафӣ, ҷомеашиносӣоид ба масъалаҳои инкишофи малакаҳои мустақилияти таълимгирандагон; консепсияҳои муосир оид ба масъалаи ташаккул ва инкишофи мустақилият, муҳиммияти он дар инкишофи рӯҳӣ ва зеҳнии шахсият ҳангоми омӯзиши ЗХ; асарҳои психологӣ дар бораи ягонагии шуур ва фаъолият, назарияи умумии дидактикии таълим; дидгоҳи муназзам ба ташкили раванди педагогӣ, ки ба баррасии ташаккули мустақилият чун низом имкон медиҳад; муносибати ба шахсият нигаронида ва таълими инкишофдиҳанда, ки рушди мустақилиятро дар мувофиқат бо иқтидори шахсият инъикос мекунад, ташкил кардаанд.

**Пойгоҳи меъёрию ҳуқуқии таҳқиқот:**ҳуҷҷатҳои дастурии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи таҳсилот: Қонун “Дар бораи маориф”, “Консепсияи миллии таҳсилот дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ”, Барномаи давлатӣ оид ба такмили тадрис ва омӯхтани забонҳои русӣ ва англисӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи то соли 2030; Низомнома дар бораи низоми кредитии таълим дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

**Эътимоднокӣ ва асоснокии** таҳқиқи илмиро таҳлили сарчашмаҳои илмӣ ва методӣ, такя ба муқаррароти пойгоҳию методии педагогика дар бораи таълим ва асосҳои психологию педагогии таълими нутқ; иштироки шахсии муаллиф дар гузаронидани озмоиши педагогӣ; таҳлили натиҷаҳои санҷиданиозмоиши технологияи пешниҳодшаванда; нишондиҳандаҳои таҳлили қиёсии буришҳо то озмоиш ва баъди озмоиш; истифодаи маҷмӯи методҳои таҳқиқот, ки ба вазифаю мантиқи таҳқиқ мувофиқат мекунанд, ҷамъбасти таҷрибаи педагогӣ оид ба инкишофи мустақилияти таълимгирандагон таъмин мекунанд.

Муқаррароти асосие, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд:

1. Баланд бардоштани сатҳи мустақилияти донишҷӯёни факултети забономӯзӣ дар шароити таълими кредитӣ тавассути технологияи махсус таъмин мегардад, ки дар асоси дидгоҳишахсиятӣ-фаъолиятӣ бо нақши

пешбари ангезиш, қобилияти когнитивӣ, муоширатпазирӣ, худидоракунӣ, худбаҳодиҳӣкоркард шудааст.

2. Ташаккул ва инкишофи малакаҳои мустақилияти донишҷӯён ба истифодаи функсионалии таъсири муошírати - нутқии омӯзгор зимни таълими ҷанбаҳои забон; маҳорати саҳеҳ таҳия кардани супоришу машқҳо аз ҷониби омӯзгор, ки аз рӯи хусусияти иҷрокунӣба сифати КМРО ва КМД фарқ мекунанд; дуруст ба нақша гирифтаниКМРО ва КМД; шартҳои педагогии гузаронидани кори мустақилона дар шароити низоми кредитии таълим (муназзамӣ, пайдарпайӣ, назорати рейтингӣ ва ҷамъбастӣ,робитаи акс); методу воситаҳоитаълими интерактивӣ бо истифодаи сарчашмаҳои иттилоотӣ дар раванди кори мустақилона вобаста аст.

3. Технологияи коркардшудаи идоракунӣ, ҳамкорӣ, назорати омӯзгор ва худи донишҷӯён зимни омӯзиши ЗХ бояд усулҳои дидактикии ташкили КМРО ва КМД, шаклҳои пешбари кори машварат ва баҳодиҳии донишҷӯёнро тавассути технологияҳои муосир (интернет –замимаҳо, лабораторияҳои лингафонӣ) дар бар гирад.

4. Шаклу усул ва натиҷаҳои баҳодиҳии азхудкунии сатҳи мустақилияти донишҷӯёни МТО (ангезиш, таҳлил, худтаҳлил, омодагӣ ба ҳимояи нуқтаи назари худ ва ғайра), ки ҳангоми омӯхтани фанҳо дар МТО истифода мешаванд, ба ташаккулу инкишофи мустақилият ва худомӯзии омӯзгорони ояндаи ЗХ таъсир мерасонанд.

**Саҳми шахсии довталаб** аз иштироки бевоситаи ӯ дар нақшагирӣ, интихоб ва асосноккунии мавзӯъ, тартиб додани сохтори диссертатсия, муайян кардани мақсаду вазифа, объекту предмети таҳқиқ, ҷустуҷӯ ва дарёфти сарчашмаҳои зарурӣ оид ба мавзӯи таҳқиқ иборат аст.

**Тасвиб ва татбиқи натиҷаҳои таҳқиқот** дар машғулиятҳои амалии нутқи даҳонӣ ва хаттии забони англисӣ дар МДТ “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик БобоҷонҒафуров” ва Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ш.Панҷакент, ҳамчунин дар шаклимаърӯзаҳои илмӣ ва ахбор дар ҷаласаҳои семинарҳои назариявӣ ва методии кафедраи педагогикаи

иҶумҳурии Тоҷикистонимоӣ ва касбӣ, кафедраи методикаи тадриси забонҳои хориҷӣ, дар конференсияҳои илмию амалии байналмиллалӣ, ҷумҳуриявӣ, донишгоҳӣ, дар лексияҳои шунавандагони курсҳои такмили ихтисос ва бозомӯзии омӯзгорони забони англисӣ дар Донишкадаи такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони маорифи вилояти Суғд, дар ҷаласаҳои иттиҳодияҳои методии омӯзгорони забони англисии шаҳру ноҳияҳои вилояти Суғд, дар раванди иштироки шахсии унвонҷӯ дар гузаронидани таълими озмоишии забони англисӣ, ҳамчунин дар шакли интишори дастури таълим оид ба грамматикаи амалии забони англисӣ анҷом дода шуд.

**Интишорот оид ба мавзӯи таҳқиқот.** Натиҷаҳои таҳқиқот дар мақолаҳо, фишурдаҳо, маърӯзаҳоинъикос ёфтанд, ки дар маҷаллаҳои илмии тавсиякардаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва КОА Вазорати маориф ва илми Федератсияи Россия, ҳамчунин дар маҷаллаю маҷмӯаҳои асарҳои илмии дигар чоп шуданд.

**Сохтори диссертатсия.** Таҳқиқоти диссертатсионӣ аз муқаддима, ду боб, хулоса, рӯйхати адабиёт ва замима иборат аст. Муҳтавои диссертатсия дар 184 саҳифа баён шудааст. Дар матн 10 ҷадвал ҷой дода шудаанд. Рӯйхати адабиёт 170 номгӯйро дарбар мегирад.

## МУНДАРИҶАИ АСОСИИ КОР

**Дар муқаддима** мубрамии мавзӯи таҳқиқ асоснок шуда, объекту предмет ва мақсаду вазифаҳо, ҷанбаҳои назариявӣ ва методологии диссертатсия баён гардиданд, аҳаммияти илмию амалии таҳқиқот, муқаррароти ба ҳимоя пешниҳодшаванда зикр шудаанд.

**Боби аввали** таҳқиқоти диссертатсионӣ таҳти унвони "**Ҷанбаҳои назариявии инкишофи мустақилияти омӯзгори ояндаи забони хориҷӣ дар мактаби олӣ**" чор фаслро дар бар мегирад. Дар ин боб шароити муосири низоми таълими забони хориҷӣ дар МТО - и забономӯзии ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН баррасӣ шудаанд, сатҳи омӯхта шудани масъалаи ташаккулу инкишофи мустақилият зимни омӯзиши ЗХ чун ихтисос пешниҳод гардидааст, хусусиятҳои ташкили кори мустақилонаи аудиторӣ ва

беруназаудитории донишҷӯёни МТО забономӯзӣ оид ба ЗХ, ҳамчунин таъминоти педагогии раванди инкишофи мустақилияти омӯзгорони ояндаи ЗХ дар марҳалаи омодагии касбӣ дар МТО қайд шудаанд.

## 1.1. Шароити муосири низоми таҳсилоти забони хориҷӣ дар МТО забонии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Дар давраи муосири инкишофи ҷамъият дар тамоми МТО - и Ҷумҳурии Тоҷикистон дар истифодаи низоми кредитии таълим қадамҳои аввал гузошта мешаванд, азҷумла,кӯшишҳои коркарду дар раванди таълим ҷорӣ кардани технологияҳои нави таълими ЗХ асосан бо такя ба таҷриба ва таҳқиқоти илмии олимони хориҷӣ амалӣ мегарданд. Ба мақсади беҳтар намудани сифати таълим, омодасозии мутахассисони ҷавобгӯ ба талаботи бозори дохиливу берунаи меҳнат, фароҳам овардани шароит барои таълими минбаъдаи онҳо дар муассисаҳои таҳсилоти олии хориҷӣ, ҳамчунин ворид гардидан ба фазои ягонаи ҷаҳонии таҳсилот бо фармони №22 вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 4 январи соли 2017, қарори № 19 /24 мушовараи Вазорати маориф ва илмиҶумҳурии Тоҷикистон аз 30 декабри соли 2016 “Дар бораи тасдиқи муқаррароти низоми кредитии таълим дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон”ба тасвиб расид, ки тибқи банди 13 Низомномаи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 марти соли 2014 таҳти №145) қабул шуда буд.

Дар асоси ин ҳуҷҷат фароҳам овардани шароит барои инфиродӣ намудани раванди таълим ва беҳтар намудани нақшу вазифаҳои кори мустақилонаи донишҷӯён ҳангоми ташкили раванди таълим дар доираи низоми кредитии таълим вазифаи муҳими муассисаи таҳсилоти олии касбӣ ба ҳисоб меравад.Кори мустақилонаи донишҷӯро нақшаи таълим ва барномаи омӯзиши фан таъйин менамояд, ки тибқи ҷадвали таълим танзим гардида, аз ҷониби роҳбари фаъолияти таълимӣ гузаронида мешавад.

Чи тавре ки зикр гардид,афзалияти низоми кредитии таълим дар он аст, ки ба донишҷӯёну омӯзгорон имкони мустақилонаи ба нақша гирифтани

раванди таълимро бо истифодаи низоми кредитӣ ба сифати воҳиди ченкунии ҳаҷми кори таълимӣ фароҳам меорад.

Вале эътироф бояд кард, ки асосҳои илмии масъалаҳои ҷорӣ кардани низоми кредитӣ дар раванди таълим ҳолопурра коркард нашудаанд ва ба талаботи педагогикаи муосир ҷавобгӯ нестанд, зеро сохтор, вазифа ва механизми омодасозии соҳавии омӯзгорон дар шароити низоми кредитии таълим алҳол предмети таҳлили ҳамаҷониба қарор нагирифтааст. Аз ин ҷо, коркарди технологияи инкишофи мустақилияти донишҷӯён – омӯзгорони ояндаи ЗХ дар доираи низоми кредитии таълим дар МТО дар диссертатсия чунвазифаи мубрами педагогикаи муосир ба миён гузошта мешавад, зеро ба ҷомеаи рушдкунандаи муосир кадрҳои педагогие заруранд, ки дар соҳаи фаъолияти касбии худ мустақилона қарор қабул карда метавонанд.

Кори мустақилонаи донишҷӯён  дар раванди омӯзиши ЗХ аз бисёр ҷиҳат муҳим аст, зеро пеш аз ҳама, он ба иҷрои ҳаддалимкон пурра ва босифати талаботи пешбиникардаи барномаи МТО имконият медиҳад. Ҳамчунин, он имкон медиҳад, ки дар машғулиятҳо вақт барои гузаронидани таҷрибаи нутқӣ дар сурате зиёд карда шавад, ки агар қисми муайяни кори барои инкишофи нутқ омодашуда дар низоми КМРО ва дар раванди КМД иҷро гардад.

Маҳорати мустақилона кор кардан дар самти азхудкунии ЗХ аҳамияти касбӣ низ дорад: танҳо баъди аз худ кардани он донишҷӯ ба такмили минбаъдаи ЗХ ва сифатҳои касбии худ пас аз хатми донишгоҳомода мешавад.

Амалияи кор дар донишгоҳ нишон медиҳад, ки ба андозаи пешрафт дар таълимтадриҷан маҳорати мустақилияти донишҷӯташаккул ёфта, барои бартараф намудани мушкилоте имкон медиҳад, ки ногузир ҳангоми азхудкунии малакаҳои нутқӣ ба миён меоянд. Барои бартараф кардани мушкилот ва идоракунии раванди кори зеҳнӣ ба донишҷӯён – омӯзгорони оянда зарур аст, ки маҳорати махсуси зеринро аз худ кунанд:

1.Маҳорати дуруст фаҳмидани самти ҳар супориш ва интихоби усулҳо барои иҷрои он.

2. Маҳорати худро назорат кардан ва ислоҳ намудани хатоҳо.

3. Маҳорати ба нақша гирифтани кори мустақилона.

Махсусияти омӯхтани ЗХ аз фарогирии донишҳои забонӣ ва такмили маҳоратҳои нутқӣ иборат аст, ки он танҳо дар раванди амалияи фаъоли нутқӣ имконпазир аст. Бинобар ин, донишҷӯ баъди дохил шудан ба факултети забонҳои хориҷӣ бояд дар худ муносибати дурустро ба забон на танҳо чун объекти омӯзиш, балки чун воситаи муошират низ тарбия намояд.

Кори мустақилонаи донишҷӯ набояд шавқу ҳаваси ӯро саркӯб кунад: он бояд ба кори донишҷӯ суръат бахшида, аз рӯи шаклу мундариҷа ба ихтисоси ӯ равона карда шавад. Азбаски шароити низоми кредитии таълим ҳангоми ташаккули мутахассисони босалоҳият, ки ба онҳо типи худии тафаккур ва муносибати мустақилона ба ҳалли вазифаҳои гузошташуда хос аст, дар назди низоми ватании таҳсилоти олӣафзалияту вазифаҳои нав мегузорад, МТО муосир бояд зимни таҳқиқи муқаррароти нави назариявӣдар самтҳои гуногун кор баранд. Ин муқаррарот барои пурра кардану такмил додани мундариҷаи раванди таълими ба шахсият нигаронида, усулҳо, ташкил ва идоракунии он мусоидат хоҳанд кард, ки инкишофи мустақилияти кадрҳои ояндаи педагогӣ равона шудаанд.

**1.2.Сатҳи таҳқиқи масъалаи ташаккул ва инкишофи мустақилият ҳангоми таълими забони хориҷӣ чун ихтисос.**

Барои амалӣ гардонидани талаботи муосир ба омӯзгори оянда омодагии босифат барои кор аз рӯи ихтисос ва иштироки фаъолона дар раванди таълим дар тамоми марҳалаҳои таҳсилоти мактаби олӣ зарур аст.Тибқи принсипҳои педагогика, раванди таълим дар худ ду навъи ҷудонашавандаи фаъолиятро дар бар мегирад: фаъолияти таълимдиҳанда – “тадрис” ва фаъолияти таълимгиранда -“таълим”, зеро тадрис ва омӯзиш танҳо дар ягонагии диалектӣ метавонанд донишҷӯёнро бо донишу маҳорат ва малакаҳои баландсифат, ҳамчунин бо сифату қобилиятҳои зарурии

шахсиятӣтаъмин намоянд. Аз ин ҷо, имрӯз вазифаи МТО дар донишҷӯ ташаккул додани эҳтиёҷ барои истифодаи оқилонаи вақт, тарбияи ҳискунии вақт, эҳтиёҷи сарфаи он ва дуруст парвариш намудани малакаҳои мустақилият, аз ҷумла, зимни азхудкунии забони хориҷӣ ба ҳисоб меравад.

Масъалаҳое, ки бо ташкили кори мустақилонаи таълимгирандагон алоқамандананд, ҳамеша мубрамии махсус доштанд, зеро он на танҳо ба азхудкунии самарабахши мавод мусоидат мекунад, балки шавқу завқи маърифатию касбиро ангезиш дода, фаъолнокии эҷодӣ ва ташаббускориро инкишоф медиҳад, ба афзоиши ангезаи таълимӣ мусоидат менамояд.

Мустақилият чун сифати шахсият дараҷаи муайяни ифоданокӣ дорад. Мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, ки фаъолияти нутқию фикрии донишҷӯёнро муқоиса намуда, муайян кардан мумкин аст, ки кадоме аз онҳо дар фаъолияти зеҳнии таълимӣ нисбатан мустақил, бештар суботкор аст, ба худ боварӣ дорад, камтар ба умеди ёрии дигарон мешавад, таваҷҷуҳашро ба иҷрои кори мустақилона равона мекунад.Пас, ҳама гуна фаъолият танҳо ҳамон вақт пурмуҳтаво ва мустақилона буда метавонад, ки агар субъекте, ки онро иҷро мекунанд, кори худро дар сатҳи босалоҳият, дар ҳаҷми кофӣ аз худ кунад. Дар асоси гуфтаҳои боло метавон тасдиқ кард, ки мустақилиятро зимни омӯхтани ЗХ чун сифати махсус фаҳмидан мумкин аст, ки дар рафти иҷрои фаъолият инкишоф меёбад. Дар фаъолият бошад, қобилияти аз ҷониби таълимгирандагон таҳлил ва худтаҳлил кардани амалҳои инфиродӣ ё дар гурӯҳ иҷрошаванда, маҳорати мутаносиб кардани имконияти иштироки худ бо имконияти ҳамшарики иҷрои фаъолияти нутқӣ нақши назаррас мебозад. Мавҷудияти ин сифатҳо на танҳо барои худтсобиткунӣ, балки худамалисозӣ дар фаъолияти коллективии умумӣ, ёфтани ҷои худ дар ҷомеа имконият медиҳад.

Дар доираи мавзӯи таҳқиқшаванда мо навъҳои зерини худфаъолиятропешниҳод мекунем, ки дар раванди таълими ЗХ чун ихтисос инкишоф меёбанд:

1.Мустақилияти когнитивӣ: малакаҳои тарҳрезиикоидаҳои ғайриқолабӣ, ғайримаъмулӣ барои ҳалли вазифаҳо; таснифи ҳадаф, фарзия, шаклҳои кор; маҳорати мулоҳизаронии мантиқӣ. Ин малакаю маҳорат махсусан дар омодагии касбии омӯзгори ЗХ заруранд.

2.Мустақилияти метакогнитивӣ: қобилияти муайян ва иҷро кардани амалҳои калидӣҳангоми таълими ЗХ (шунидан, ба хотир гирифтан, татбиқи маводи пештар азхудкарда ва ғ.); маҳорати таҳлили амалҳои худ, пайгирӣ кардани пешравии худ, баҳодиҳии натиҷаҳои худомӯзӣ.

3.Мустақилияти ахлоқӣ: идоракунии эҳсосот, худтанзимкунии ҳиссиёт, идоракунии ангезиш.

Зимни ташаккулу инкишофи мустақилияти донишҷӯён дар раванди омӯхтани ЗХ чун ихтисос дар шароити низоми кредитии таълим масъалаҳои зеринҳалнашуда ба шумор мераванд:

-хусусиятҳои фарққунандаи супоришҳои КМРО ва КМД;

- муайян кардани натиҷаҳои ниҳоӣ, дараҷаи ташаккулёбии сатҳи мустақилият, ки донишҷӯён бояд дар охири иҷрои кори мустақилона ба он ноил гарданд, яъне аниқ кардани навъҳои салоҳияте, ки аз донишҷӯён ташаккулу инкишофи онҳо талаб карда мешавад;

-интихоби мавод барои кори мустақилона, ки таҳлили муфассали мушкилотеро (масалан, лингвистӣ) пешбинӣ менамояд, ки донишҷӯён ҳангоми азхуд кардани ЗХ дар маҷмӯъ ва унсурҳои алоҳидаи он дучор мешаванд;

-интихоби навъи таълим зимни инкишофи мустақилияти донишҷӯён (ҷузъӣ ё амсилавӣ);

- муайянкунии ҳисса (воя) ва хусусияти супоришҳо оид ба кори мустақилона;

- тасниф ва интихоби супоришҳо барои иҷрокунӣ вобаста ба шакли кори мустақилона (КМРО ва КМД);

-ташкили робита акс, яъне муайян кардани шакли назорат ва истифодаи он ҳангоми иҷрои кори мустақилона аз ЗХ ва ғайра.

Пеш аз пешниҳоди роҳҳои ҳалли масъалаҳои мазкур баррасии моҳияти мафҳуми “кори мустақилонаи донишҷӯ” мувофиқи мақсад аст, зеро таҳлили сарчашмаҳои илмӣ нишон дод, ки дар ин хусус байни олимон ҳамфикрӣба назар намерасад. Дар асоси таҳлили таърифҳои гуногуни мафҳумҳои “мустақилият” ва “кори мустақилона”, ҳамчунин вобаста ба тағйироте, ки дар низоми кредитии таълим ба амал меоянд, мо ба чунин ақида омадем: мустақилияти донишҷӯи МТО забономӯзӣ -қобилияти мустақилона муайян кардани мақсаду вазифаҳои таҳсил, дарёфти роҳҳои ноилшавӣ ба онҳо дар раванди фарогирии салоҳиятҳои касбӣ (лингвистӣ, муоширатӣ, иртиботӣ, байнифарҳангӣ ва ғ.), ҳамчунин ошкор сохтани иқтидори шахсиятии худ дар баробари сифатҳои когнитивӣ, метакогнитивӣ ва ахлоқӣ (тафаккур, самтгирӣ дар вақту макон, омӯзиш, қобилияти мулоҳизаронӣ, маҳорати ҷустуҷӯи иттилоот, идоракунии сифатҳои эҳсосиву иродавӣ ва ғ.) тавассути фаъолияти нутқӣ дар раванди КМРО ва КМД мебошад, ки нуқтаи ибтидоии ташаккулу инкишофи қобилияти мазкур мебошад.

**1.3. Хусусиятҳои ташкили кори мустақилонаи аудиторӣ ва берун аз аудиторӣи донишҷӯёни донишгоҳи забономӯзӣ оид ба забони хориҷӣ дар доираи муаммои таҳқиқшаванда.**

Дар барномаи таълимии ихтисоси “Забони хориҷӣ”, ки дар МДТ “Донишгоҳи давлатии Хуҷандба номи академик Бобоҷон Ғафуров”амал мекунад, тамоми фанҳо тибқи курсу семестрҳо тақсим шудаанд. Ба ҳар курсу семестр миқдори кредитҳо (соатҳо), ки ба машғулиятҳои лексионию амалӣ, семинарҳо, КМРО ва КМД, корҳои курсӣ ва дигар шаклу навъҳои таълим ҷудо мешаванд, муайян карда шудаанд. Дар асоси нақшаи таълим ҷадвали таълим таҳия мегардад, ки тартиби гузаронидани фанҳои таълимиро дар ҳар семестр муайян мекунад.Тибқи ҷадвали мазкур кафедраҳо нақшаҳои таълимию методиро оид ба курсу фанҳои таълимӣ таҳия менамоянд. Раванди аз худ кардани ҳар як фан дар ҷадвали машғулиятҳои таълимӣ инъикос меёбад. Дар он вақт, ҷой, шакли гузаронидани машғулият барои ҳамин гурӯҳ(курс, поток) нишон дода мешавад.

Дар шароити низоми кредитии таълим дар МТО-и забономӯзӣомӯхтани ЗХ аз машғулиятҳои аудитории амалӣ, КМРО-и аудиторӣ ва КМД-и беруназаудиторӣ иборат мебошад. Тамоми шаклҳои машғулият ҳамдигарро пурра мекунанд ва дар низоми ташкили раванди таълим воҳиди томро ташкил менамоянд.

КМРО дар аудитория, кафедра, лабораторияи лингафонии факултет, ҳамчунин дар вақти таҷрибаомӯзӣ дар мактабҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, ки бо онҳо МТО шартнома дорад, ташкил карда ва гузаронида мешавад. КМРО бояд бо роҳи гузаронидани мубоҳисаю музокира, бозиҳои касбӣ, мизҳои мудаввар, ҳалли вазифаҳои кейсӣ, омӯхтани маводи таълимии иловагӣ (вобаста аз фанни таълимӣ) ташкил карда шавад. Кори мустақилона бояд муназзам бошад, пайваста таҳти назорат қарор гирад, натиҷаҳояш аниқу дақиқ баҳогузорӣ шаванд. КМД берун аз аудитория хусусияти инфиродӣ дорад ва аз иҷрои супоришҳои хонагӣ, кори лабораторӣ, навиштани реферату эссе, лоиҳаҳои курсӣ, кори хатми тахассусӣ, пешниҳоди ҳисобот, корҳои семестрӣ, супоридани санҷишҳои ҷорӣ, шаклҳои дигари кор иборат аст, ки аз ҷониби омӯзгорон танзим шуда, арзёбӣ мегардад. КМД дар шакли машқҳои хонагии шифоҳӣ ва хаттӣ дар давоми тамоми соли хониш ба машғулиятҳои аудиторӣҳамрадиф мегардад.

Дар ташкили кори мустақилона нақшагирӣ ва ташкили дақиқираванди таълим аҳамияти махсус дорад. Кор мувофиқи нақша мабдаи ташккулдиҳандаи фаъолияти худомӯзӣ, қадами нахустин дар такмили кори зеҳнӣ мебошад.Банақша гирифтани меҳнати мустақилона соҳаи муҳими ташкили илмии кори таълим аст, зеро “меҳнати мустақилона сифатҳоеро, мисли муташаккилӣ, боинтизомӣ, фаъолнокӣ, ташаббускорӣ, суботкориро дар ноилшавӣ ба мақсад инкишофдода, маҳорати таҳлил кардани факту ҳодисаҳоро ташаккул медиҳад, тафаккури мустақилонаро меомӯзонад, ки боиси инкишофи эҷодии шахсият, пайдо шудани ақидаи шахсӣ, нуқтаи назари худ ва маҳорати ҳимоя карда тавонистани онҳо мегардад”.

Мо муайян кардем, ки хусусиятҳои асосии ташкили раванди таълими омӯхтани ЗХ чун ихтисос тибқи низоми кредитии таълим бояд унсурҳои зеринро дар бар гирад:

1.Самтгирии раванди таълим ба маҳорати нутқ.

2. Маҷмӯъ будани тадрис.

3. Мувофиқати машғулиятҳои амалии аудиторӣ, КМРО аудиторӣ ва КМД беруназаудиторӣ.

**1.4. Таъмини педагогии раванди инкишофи мустақилияти омӯзгорони ояндаи забони хориҷӣ дар МТО-и забономӯзӣ.**

Таҳқиқи масъалаҳои назариявие, ки бо инкишофи мустақилияти донишҷӯён –омӯзгорони ояндаи ЗХ алоқаманданд, ҳамчунин таҷрибаи шахсии фаъолит дар МТО ба мо имкон дод, технологияи муаллифиро таҳия кунем, ки дар он тарзҳо, усулҳо ва роҳҳои гузаронидани кори мустақилонаи аудиторӣ ва беруназаудитории донишҷӯён дар раванди тадриси ҷанбаҳои забони англисӣ ва навъҳои фаъолияти нутқӣ дар курсҳои 1 ва 2 факултети забономӯзӣ инъикос ёфтаанд.

Мундариҷаи кори мустақилонаи донишҷӯёни курсҳои 1 ва 2 тибқи ҷанбаҳои забонӣ:

**а) Кори мустақилона оид ба фонетика**

Азхуд кардани талаффузи англисӣ пеш аз ҳама, маънои азхуд кардани низоми овозҳои (фонемаҳо) он, ҳамчунин ҳодисаҳои фонетикиро дорад, ки донистани онҳо муваффақияти тамоми кори ояндаи забономӯзиро таъйин мекунад. Кори ибтидоии омӯхтани талаффуз бояд дар давраи курси муқаддимавӣ-фонетикӣ дар соли якуми таҳсил дар МТО-и забонӣ амалӣ гардад.Такмили малакаҳои талаффуз бояд дар курси дувум низ баробари мураккаб шудани маводу вазифаҳои таълим идома ёбад. Раванди меҳнатталаби азхуд кардани талаффуз ба туфайли машқҳои ҳаррӯза осон мешавад. Бинобар ин, машғулиятҳои мустақилонаро аз рӯзҳои аввалини таълим оғоз кардан лозим аст.

Донишҷӯ дар лаборатория мустақилона талаффузро машқ карда, бояд супориш-машқҳои зеринро хеле бодиққат иҷро кунад:

- гӯш кардани сабт;

- гӯш кардани натток, такрори нутқи натток дар фосилаҳо ва муқоиса кардани таллафузи худ бо намуна;

- гӯш кардан ва сабти машқи фонетикӣ, матни кӯтоҳ аз диск;

- диктанти фонетикӣ ва худтасҳеҳ бо ёрии мифтоҳи хаттӣ;

- гӯш кардани бисёркарата ва аз ёд кардани тезгӯякҳо, қофиябозиҳо, муколамаҳо, машқҳо.

Сабақомӯзии фонетикии маводи забонӣ, яъне машқи фонетикӣ дар давоми тамоми давраи таълими курси 1 гузаронида мешавад. Мумкин аст, тадриҷан мавод мураккаб шавад, мундариҷаи баён бошад, дар низоми таҷрибаи маҷмӯи нутқӣ тобишҳои гуногуни оҳанги нутқро тақозо мекунад.

**Б) Кори мустақилона дар самти азхудкуниилуғат (лексика)**

Барои азхуд кардани ЗХ донишҷӯ бояд захираи муайяни калимаҳоро, ки барнома пешбинӣ кардааст, донад ва онҳоро озода истифода бурда тавонад: шинохтан ва фаҳмидани воҳидҳои луғавӣҳангоми шунидану фаҳмидани нутқ, хониши матн, фаъолона истифода бурдани онҳо дар нутқи шифоҳӣ ва баёни хаттӣ.

Ҳангоми омӯзиши забон дар раванди КМРО ва КМД тадриҷан таҷрибаи забонӣ ва ассотсиатсияҳои гуногуни зеҳнӣ ташаккул меёбанд, ки ба донишҷӯ барои ихтиёран ва беихтиёр дар хотир нигоҳ доштани миқдори зиёди калимаҳо дар рафти кор бо матн, хондани адабиёти бадеӣ, рӯзномаҳо, маҷаллаҳо бо забони англисӣ ёрӣ мерасонад. Кори мустақилона бо луғат, пеш аз ҳама, мустақилона азёд кардану дар хотир нигоҳ доштани калимаҳо, машқҳоро барои мустақилона азхуд кардани калимаҳо, барои азхуд кардани шаклҳо, барои кори мустақилона бо синонимҳо ва антонимҳо, барои кори мустақилона бо мувофиқати калимаҳо, ҳамчунин машқҳоеро дар бар мегирад, ки барои истифодаи калимаҳо дар нутқ омода мекунанд.

**В) Кори мустақилона бо маводи грамматикӣ**

Сатҳи нокифояи малакаҳои грамматикӣ дар роҳи ташаккули на танҳо салоҳиятҳои забонӣ, балки салоҳиятҳои нутқӣ ва иҶумҳурии Тоҷикистонимоию фарҳангӣ низ монеа шуда метавонад. Бинобар ин, донишҷӯ грамматикаи забони омӯхташавандаро бояд пеш аз ҳама, амалан аз худ намояд. Ҳангоми омӯзиши грамматика маҳорати дарку фаҳмишиҳодисаҳои грамматикиро дар вақти шунидан, ҳангоми хондани матнҳо, истифодаи онҳо дар шаклҳои шифоҳиву хаттии баён ташаккул додан зарур аст.

Принсипи пешбари азхудкунии грамматика принсипи дарки бошуурона аст. Вобаста ба ин, қоидаҳоро на танҳо бошуурона дарк кардан, балки онҳоро бошуурона дар амалия, яъне дар фаъолияти нутқ истифода бурдан низ лозим аст. Азхудкунии мустақилонаи низоми грамматикӣ бо ёрии сохторҳои грамматикӣ метавонад дар се марҳала гузарад: аз худ кардани гурӯҳи сохторӣ; азхуд кардани гузаштан ба гурӯҳи сохторӣ; фаро гирифтани маҳорати истифодаи шакли сохторӣ дар вазъияти ҳаётӣ.

Кори мустақилонаи донишҷӯён бо грамматика ба рушди ҷанбаҳои зерин мусоидат мекунад:

- амиқтар фаҳмидани ҳодисаи грамматикии омӯхташаванда;
- мустаҳкам кардани маводе, ки дар машғулият омӯхта шудааст;
- такрори мавзӯъҳои грамматикие, ки пештар аз худ шудаанд;
- ҳосил кардани малакаи фаҳмидани матн бо ёрии воситаҳои таҳлили грамматикӣ.

Мундариҷаи кори мустақилонаи донишҷӯёни курсҳои 1 ва 2 оид баазхудкунии навъҳои фаъолияти нутқӣ.

**А) Шунида фаҳмидан**. Ҳангоми иҷрои мустақилонаи машқу супоришҳое, ки ба азхудкунӣ тавассути шунида фаҳмидан нигаронида шудаанд, малакаю маҳорати зерин ташаккул ва инкишоф меёбанд: мустақилона (бе луқма)шинохтан ва фарқ кардани сигнали нутқ, ҷудо кардани типҳои ҷумла бо ёрии оҳанг, муайян кардани миқдори калимаҳо, мундариҷаи маъноӣ ва грамматикии онҳо аз рӯи аломатҳои зоҳирӣ, дар хотир

нигоҳ доштани иттилооти шунида, ҷудо кардани фикри асосии ҷумла, ҷудо кардани матн ба қисмҳои маъноӣ, дар умум фаҳмидани маънои матн ва ғ. Барои аз худ кардани малакаю маҳорати мазкур машқҳои омодасозӣ ва нутқӣ (коммуникативӣ) ёрӣ расонида метавонанд.

**Б) Хониш.** Дар бораи таъмини педагогии раванди инкишофи мустақилияти омӯзгорони ояндаи ЗХ дар МТО-и забонӣ сухан ронда, ба масъалаи  аз худ кардани маҳорату малакаҳои хониш дахл накардан имконнопазир аст, зеро такмил ва азхуд кардани маводи қироатшавандақисми муҳими таркибии кори мустақилонаи донишҷӯён мебошад.

Хониши беруназаудиторӣ адабиёти бадеӣ ба ЗХ (аввал матнҳоимутобиққарда, яъне сода гардида, сипас матнҳои асл) ва матнҳоихусусияташон ҷамъиятию сиёсӣ (рӯзнома, маҷалла, мақолаҳо азИнтернет) барои инкишофи мустақилияти таълимгиранда ва умуман омодасозии омӯзгори ЗХ дар шахсияти ӯ хеле муҳим аст. Хониши берунаудиторӣ ба густариш ва мустаҳкам шудани луғат ва шаклҳои грамматикӣ, инкишофи малакаҳои нутқи шифоҳӣ ва таҳлили маъноӣ, тавсеаи ҷаҳонбинии фарҳангии  донишҷӯ мусоидат мекунад. Дар рафти кори мустақилона бо китоб равонии хониш ҳосил мегардад. Малакаҳои фаҳмиши матни мутолиашаванда бе тарҷума, ба туфайли маҳорати афзуншаванда муқаррар кардани маънои калимаҳои ношинос бевосита аз матн инкишоф меёбад.

Ҳангоми кор бо хониши иловагӣ дар доираи технология донишҷӯ имкон дошт, ки китобро худаш интихоб (аз байни китобҳои тавсияшуда) кунад ва дар назди омӯзгор дар бораи кораш ба тарзи инфиродӣҳисобот диҳад. Барои гузаронидани озмоиш шаклҳои зерини супоришҳо барои кор бо хониши беруназаудиторӣ интихоб карда шуданд:

- бодиққат хондани боб ва аз дафъаи аввал фаҳмидани мундариҷаи умумии матни мутолиашуда бидуни таваққуф дар ҷузъиёти алоҳидаи он;

- бори дувум то пурра фаҳмидан хондани боб; барои фаҳмидани маънои калимаҳои ношинос аз қаринаи матн кӯшиш кардан ва танҳо дар мавридҳои зарурӣ ба луғат муроҷиат кардан, ба дафтари луғат навишта гирифтани калимаҳои тез-тез такроршаванда, ҳамчунин калимаҳое, ки барои фаҳмидани маънои сархат аҳамияти калидӣ доранд; бо ин калимаҳо тартиб додани мисолҳои худ;

- калимаҳо ва ибораҳои нишондодаи омӯзгорро аз ёд кардан ва онҳоро дар вазъияти ба фабулаи китоб мувофиқ истифода бурдан:

Ҳангоми хониши такрории бобҳо (ё боб) корҳои зеринро иҷро кардан:

- ба порчаҳои маъноӣ тақсим кардани боб ва тартиб додани нақшаи мундариҷаи боб, масалан,бо истифодаи феълҳои замони ҳозира;

- муқаррар кардани маънои ҷузъиёт дар порчаҳои маънодор;

- муайян кардани ғояи асосии боб;

- омода кардани ҷавобҳо (даҳонӣ) ба саволҳои калидие, ки дар супориш омадааст;

- ба таври хаттӣ тартиб додани саволҳо аз рӯи мундариҷаи порчаҳои алоҳидаи мазмундор, аз рӯи мундариҷаи умумии боб, муфассал ва вобаста ба вазъият ҷавоб додан ба онҳо;

- тайёр кардани хабари шифоҳӣ аз рӯи мавзӯе, ки масъалаҳои алоҳидаи бобро дар бар мегирад ва дар он истифода бурдани калимаю ибора, таркибҳои грамматикие, ки омӯзгор дар супориш нишон додааст;

- бо истифодаи луғате, ки дар поёни матн омадааст, тартиб додани нақли шифоҳии мундариҷаи боб (бобҳо);

- тартиб додани муаррифӣ бо хулосаҳои хаттӣ бо муайян кардани ғояи асосӣ (5-10 ҷумла)

**в) Гуфтор.** Азхуд кардани нутқи шифоҳӣ яке аз вазифаҳои асосии амалӣ мебошад ва аз нуқтаи назари механизми тавлиди нутқ фарогирии ҳарфзанӣ дар шаклҳои монологӣ ва муколамавӣ роҳро аз нутқи омодакарда то нутқи бе омодагӣ, яънехуд ба худ рӯйдиҳандаро тай мекунад.

Коркарди маҳорат ва малакаҳои нутқи худ ба худ рӯйдиҳанда раванди мураккаб ва меҳнатталаб мебошад. Кори мураккабтарин дар ин раванд маҳорати мустақилона, бе такягоҳ, бо забони хориҷӣ ифода кардани фикр аст. Маҳз ҳамин маҳорат яке аз мақсадҳои асосии азхудкунии нутқ мебошад, ки таввасути иҷрои машқу супоришҳо дар марҳалаҳои гуногуни таълим амалӣ мегардад.

**г)Китобат** (хат). Дар баробари дигар малакаҳою маҳоратҳо донишҷӯёне,ки ихтисоси омӯзгори ЗХ-ро меомӯзанд, бояд фикрашонро на танҳо аз лиҳози графикаю орфография, лексика, грамматика ва услубӣ дуруст, балки дар шакли хаттӣ низ баён карда тавонанд.

Барои технологияи пешниҳодшуда ба сифати усулҳои кори мустақилонаи донишҷӯён дар аудитория навъҳои ҳам анъанавӣ, ҳам муосири супоришҳо (корҳои контролӣ, тестҳо, диктантҳои тарҷумавӣ (квизҳо), эссе, нақли хаттии кӯтоҳ, тарҷума аз забони хориҷӣ ба забони модарӣ, аз модарӣ ба забони хориҷӣ, рефератҳо) интихоб шуданд.

Ташкили КМРО ва КМД , ки ба азхудкунии нутқи хаттии донишҷӯён равона карда шудааст, дар заминаи ду дидгоҳ сурат гирифт.

1. Дидгоҳиба матн-намунаҳо чун ба маҳсули нутқи хаттӣ нигаронидашуда.

2. Дидгоҳе, ки ба инкишофи нутқи хаттӣҷиҳати баён кардани фикр бохат (рамзҳо) нигаронидашудааст.

Шартҳои педагогии дар ин фасл тавсифгардида,ки дар муҳити аудиторӣ ва беруназаудиторӣҳангоми муоширати нутқи хаттӣ ва даҳонӣ фароҳам оварда мешаванд,дар тарҳрезии технология ба эътибор гирифта шуданд,зеро онҳо барои таҳкими малакаҳои когнитивӣ ва қиёфавии (мимикӣ) мустақилияти донишҷӯён имконияти васеъ фароҳам меоранд, чунки “кори мустақилона воситаи самарабахши ташаккули шахсият буда, мустақилияти зеҳниро ангезиш медиҳад.”

**Боби дувуми диссертатсия** таҳти унвони “**Татбиқи амалии технологияи инкишофи мустақилияти омӯзгорони ояндаи забони**

**хориҷӣ дар шароити муосири МТО”** аз ду фасл иборат аст. Дар он раванди ҷорӣ намудани технологияи инкишофи мустақилиятидонишҷӯён дар низоми омӯхтаниЗХчунихтисосдар шароити низоми кредитии таълим тавсиф шуда, натиҷаҳои марҳалаиозмоишии таҳқиқот дар машғулиятҳо аз ЗХ дар МТО-и забономӯзӣ баён гардиданд.

**2.1. Технологияи инкишофи мустақилияти донишҷӯён дар раванди омӯзиши забони хориҷӣ чун ихтисос дар шароити низоми кредитии таълим.**

Асоси технологияи инкишофи мустақилиятро шартҳоеташкил доданд,ки КМРО ва КМД дар онҳо мегузаранд. Шартҳои мушаххас ҳам хусусияти супориш ва ҳам методикаи иҷрои онҳоро муайян карданд. Вобаста ба ин, дар раванди коркарди технология навъҳои кори мустақилона аз се нуқтаи назар баррасӣ гардиданд: 1) шароит; 2) супоришҳо; 3) методикаи иҷрои онҳо.

*I. Технологияи рушди мустақилияти донишҷӯён дар раванди КМРО*

КМРО бевосита таҳти роҳбарии омӯзгор мегузарад, бинобар ин дар раванди гузаронидани озмоиш кор тавре ташкил карда шуд, ки дар аксари мавридҳо дар фосилаи муайяни вақт донишҷӯ ё гурӯҳи донишҷӯён супоришҳоро бевосита зери назорати омӯзгор иҷро мекарданд.Вале зимнан омӯзгор дар фаъолияти донишҷӯён бевосита иштирок намекард ва онҳо кори мустақилонаро иҷро карда,нақши роҳбарикунанда ва ҳамоҳангсозандаи омӯзгорро ҳис мекарданд. Омӯзгор имконият медод, ки донишҷӯён аз ӯ дар рафти иҷрои супориш ҳама гуна дастурҳоизарурӣ гиранд, ӯ метавонист дар ҳар лаҳзаи раванди кори таълимгирандагонро назорат намояд.

Дар рафти гузаронидани кори мустақилона ба воягузории дурусти вақт ва муқаррар намудани лаҳзаи муайянедиққати махсус дода шуд, ки донишҷӯёни мустақилона коркунанда ба фаъолияти якҷоя бо омӯзгорҳамроҳ мешаванд ва шароити кори аудиторӣ ба ин раванд хусусияти хос мебахшид.

Ба шароити мазкур таъиноти асосии машғулиятҳои аудиторӣ - ба вуҷуд овардани шароитҳои ҳаммонанд ба вазъияти муоширатии нутқи табиӣ, ки

кори мустақилонаи донишҷӯён дар аудитория низ ба ин тобеъ мебошад, дохил мешуд. Супоришу машқҳои муаллифӣ дар аудитория ба сифатисупоришҳо барои кори мустақилона хизмат карданд.

Машқҳои барои ташкили сӯҳбатҳо пешбинишуда бевосита баъди коркарди мустақилонаи мавод дар ҷараёни хониш шунида фаҳмидан дохил карда шуданд. Аз рӯи технологияи тавсифшаванда худи равандҳои хониш ва шунида фаҳмидан мақсад ё объекти коркард набуданд, балки чун роҳи ба даст овардани иттилооте истифода мешуданд, ки барои кори минбаъда зарур аст. Мавод барои кори мустақилонаи донишҷӯён дар аудитория чунин хусусият дошт, ки барои он ташкили  суҳбат ё музокира бо иштироки омӯзгор имконият медод. Методикаи кори мустақилона барои омӯхтани забон дар аудитория ба он нигаронида шуд, ки донишҷӯ маводи ба ӯ пешниҳодшударо дарк ва азхуд карда, онро мустақилона ба нутқ ворид сохта метавонист. Муҳим он буд, ки машқу супоришҳои иҷрошаванда тафаккур, маҳорати фаҳмиш ва истифодаи самтгирии фазоӣ, ба нақша гирифтани вақт, такмил додани фаҳмиш ва омӯхтани чизи нав, шиддатнок кардани омӯзиши ЗХ, қобилияти мулоҳизаронӣ, ҳамчунин иҷрои фаъолияти нутқӣ, мустақилона амалӣ гардонида тавонистани ҷустуҷӯи иттилооти заруриро инкишоф диҳанд.

Мустақилият на танҳо тафаккурро сайқал медиҳад, балки сифатҳои пешвоиро низ мукаммал менамояд.Чунин малакаҳо ба донишҷӯён ба идроки ҷаҳон дар заминаи таҷриба ва мушоҳидаи шахсӣ, ҳамчунин некбинона қабул кардани қарорҳои қатъӣ ёрӣ мерасонанд. Қайд кардан зарур аст, ки кори мустақилонаро иҷро карда, донишҷӯён ба худ боварӣ пайдо мекунанд ва дар оянда ҳангоми барпо кардани ҳаёти муваффақу пурмаҳсули худ тавассути мустақилият қобилияти аз хатоҳо сабақ бардоштанро ҳосил менамоянд.

Дар раванди таълими озмоишӣ мо кӯшиш намудем, то шароитеро фароҳам орем, ки ба назари мо, ба инкишофи мустақилияти донишҷӯён мусоидат мекунанд:

*Шарти 1. Ба вуҷуд овардани муҳити кушод.*Зимни технологияи ҷоришаванда ба мақсади ангезонидани мустақилияти донишҷӯён дар рӯзи аввали таълими озмоишӣ мо бароитағйир додани муҳити таълим кӯшиш намудем, ки дар он худи донишҷӯён дар маркази машғулият бошанд, вале нақши омӯзгор бошад, ғайрифаъол гардад. Донишҷӯён ба нақшагирии раванди таълим ҷалб шуданд ва ин кор ба онҳо имкон дод, ки масъулияташонро барои таҳсили худ эҳсос кунанд, дар таълим ширкат варзанд.

*Шарти 2.Ҳавасмандгардонии ташаббускорӣ.* Стратегияи муҳимтарини ҳавасмандгардонии мустақилияти таълим тағйир додани тамаркузи таълим аз омӯзгор ба донишҷӯ буд, то ки таълимгиранда маркази раванди таълим гардад.

*Шарти 3.Таҳлили кори мустақилона.*Ҳангоми арзёбии кори мустақилонаи донишҷӯён омӯзгорон ба арзёбии ҳатталимкон аниқ, мушаххас ва муҷази кори донишҷӯён омода буданд.

*Шарти 4. Хусусияти кори тадқиқии мустақилона.* Дар раванди кор мо дар назар доштем,ки агар дар гурӯҳи академӣ 30 нафар таҳсил кунанд, онҳо набояд ҳамон як масъаларо тадқиқ намоянд ва айнанба ҳамон саволҳоҷавоб диҳанд. Ба сифати кори мустақилона супоридани лоиҳаи алоҳидаи тадқиқотӣ ба ҳар як донишҷӯ имконият дод, ки ӯ малакаҳои шахсии мустақилиятро инкишоф диҳад.

*Шарти 5. Имкони таълими мутақобил.*Ба донишҷӯён-омӯзгорони оянда, ки бо лоиҳаи таҳқиқии худ кор мекунанд ё ба донишҷӯёне,ки дар мактаб таҷрибаомӯзии педагогиро мегузаранд, додани имконияти барои аудитория маълум кардани иттилооте, ки онҳо мустақилона ба даст овардаанд ва омӯхтаанд, ду афзалият дошт.Якум, донишҷӯён малакаи муоширати даҳонии худро такмил доданд ва дувум, донишҷӯёни дигар иттилооти бештарро на аз омӯзгор, балки аз ҳамкурси худ гирифта тавонистанд.

*Шарти 6.  Ангезиши тахайюл.* Дар асоси таҷрибаи ҳаётии андӯхта донишҷӯён имконият доштанд, ки образҳои навро офарида таонанд. Бо истифода аз ин имконият онҳо метавонанд худро дар замони ҳукмронии Сомониён ё ба сифати яке аз сокинони Хуҷанд дар давраи ҳуҷуми муғулон тасаввур кунанд. Бо ин роҳ онҳо имконият пайдо мекунанд, ки ба ҷои хондану тарҷума кардани матнҳолуғатро мустақилона дар соҳаи таърих, консепсияи озодӣ ва демократия истифода баранд.

*Шарти 7. Таҳрик додани нуқтаи назари ғайримаъмулӣ.* Зарур буд, ки ба донишҷӯён иҷозати гузаронидани музокираю мубоҳисаҳоро дода, ақидаи шахсии онҳоро оид ба мавзӯъҳои муҳим ташаккул диҳем. Омӯзгорон метавонанд қаблан баъзе таълимгирандагонро дар бобати иҷро кардани нақшҳои дорои ақидаҳои мухталиф огоҳ намуда, ба чунин шакли кор мусоидат намоянд, ташкили мубоҳисаҳоро осон кунанд.

*Шарти 8. Татбиқи  усули "ҳуҷуми зеҳнӣ".* Дар кори худ барои таҳрики донишҷӯёне кӯшиш намудем, ки нуқтаи назари мустақилонаю ғояҳои ғайримаъмулии худро дар вазъияти пешакӣ ба нақша нагирифта, бо ёрии калимаю ибораҳое ифода кунанд, ки ба барномаи таълимӣ дохил нестанд.

*Шарти 9. Мавзӯъҳои эҷодӣ барои баррасӣ.* Маъмулан аз намояндагони насли калонсол ба баъзе саволҳои ғайримаъмулӣ ва  ногувор ҷавоби қатъӣ гирифтан кори мушкил аст.Аммо дар рафти кори мо донишҷӯён ба туфайли хислати эҷодкорӣ доштани онҳо саволҳои мураккаб маъқул буданд.Ҳангоми баргаштан ба баррасии баъзе масъалаҳо баъди давраи муайяни вақт донишҷӯён намоиш дода метавонистанд, ки малакаҳои тафаккури мустақилонаи онҳо оид ба бисёр масъалаҳо то дараҷае беҳтар гардидаанд.

*Шарти 10. Тамаркузи диққат ба ҷанбаи мусбат.* Изҳори ақидаи худ дар байни ҷомеа ҳамеша ҷолиби диққат аст. Бинобар ин, омӯзгор кӯшиш мекард, ки изҳори ақидаро аз ҷониби донишҷӯён дастгирӣ намояд ва ҳамзамон онҳоро водор созад, ки дар бораи эътимоднокии ақидаашон андеша намоянд.

Оид ба усулҳои назорати кори мустақилонаи донишҷӯён дар аудитория (КМРО) сухан ронда, қайд мекунем, ки ба онҳо кори санҷишӣ, тест, квиз ва ғайра мансубанд. Дар раванди ҷорӣ намудани технологияи инкишофи мустақилият назорат на танҳо аз ҷониби омӯзгор сурат мегирифт, балки худназорату назорати мутақобил низ ҷой дошт .

Истифодаи технологияи муаллифӣ имконият дод, ки на танҳо кори мустақилонаи фронталии донишҷӯён оид ба ҳамон як маводи забонӣташкил карда шавад, балки кори инфиродии мустақилонаи таълимгиранда бо назардошти қобилияту дараҷаи маводи таълимро фаро гирифтани ба роҳ монда шавад.

*II.Технологияи инкишофи мустақилияти донишҷӯён дар раванди КМД.*

Кори мустақилонаи донишҷӯён, ки берун аз МТО, яъне бе роҳбарии омӯзгор иҷро мешавад, ҳамчунин мақсаднок ва худидорашаванда буд. Азбаски шароити КМД аз шароити аудиторӣ фарқ мекунад, супоришҳо оид ба кори мустақилона маҳз мувофиқи ҳамин шароит таҳия шуданд. Дар кори берун аз факултет ба донишҷӯёни гурӯҳи озмоишӣ (минбаъд ГО) барои иҷрои КМД технологияи муаллифӣ пешниҳод гардид. Донишҷӯёни гурӯҳи назоратӣ (минбаъд ГН) КТМ-и пешбиникардаи МТО (китоби дарсӣ, дастури таълим, маълумотномаҳо)-ро истифода бурданд.

Донишҷӯёни ГО дар вақти иҷрои КМД имкон доштанд, ки инфиродӣ кор кунанд, ва онҳо барои омӯзиши амиқи маводи забонӣ вақти кофӣ доштанд. Дар супоришҳо барои кори мустақилонаи донишҷӯёни ГО, ки бояд берун аз аудитория иҷро карда мешуд, кор ҳам бо сарчашмаҳои таълимии ҳатмӣ ва ҳам бо сарчашмаҳои иловагӣ пешбинӣ шуда буд.

Дидгоҳи ба инкишофи мустақилонаи супоришҳо нигаронида он вақт бештар паҳн мешавад, ки омӯзгорон идрок кунанд, ки онҳо дар аудитория танҳо миёнаравоне мебошанд, ки таълимгирандагонро тавассути ҳалли мустақилонаи супоришҳо ба қабули масъулият барои таълими худ водор месозанд.

Таҷрибаи кор аз рӯи технологияи таҳияшуда нишон дод, ки барои ин дуруст муайян кардан мақсади таълим ва маҳорати истифодаи афзалияти технология зарур аст. Алҳол онлайн-барномаҳо ва захираҳоитаълимӣ ба донишҷӯён барои инкишофи малакаҳои мустақилият имконияти зиёд пешниҳод мекунанд. Истифодаи онлайн-технологияҳо самараи ангезишӣ дорад ва донишҷӯёнро водор месозад, ки бо онлайн-мавод на танҳо дар доираи барномаҳои расмии таълимӣ, балки таввасути веб-сомонаҳои саҳеҳ (аутентӣ) ва шабакаҳои иҶумҳурии Тоҷикистонимоӣ низ мустақилона ҳамкорӣ намоянд, навигариҳо, подкастҳо ё онлайн -лексияҳоро гӯш кунанд, мақолаҳоро оид ба мавзӯъ ё соҳаи барояшон шавқовар хонанд.

Дар бораи супоришҳо барои КМД сухан ронда қайд мекунем, ки дар марҳалаи аввали таълими озмоишӣ онҳо ба коркарди маҳоратҳои ибтидоӣ нигаронида шуданд ва барои худсанҷиши донишҷӯёнедастрас буданд, ки бо мушкилиҳои муайяне рӯ ба рӯ мешуданд. Таълимгирандагон истифодаи оқилонаи қобилиятҳои инфиродии худро ёд гирифтанд, супоришҳо хусусияти машқдиҳанда доштанд, матнҳо байни маводи наву кӯҳна ассосиатсия эҷод мекарданд, зеро он хотира ва мустақилияти таълимгирандаро ташаккул ва инкишоф медиҳад.

Тибқи технологияи муаллифӣ дар вақти гузаронидани кори мустақилонаи берун азаудитория дар ГО веб-тарҷума (аудио- ва видео-конференсияҳо) истифода мешуд, ки дар он омӯзгор таввассути замимаи Viber ва WhatsApp модератори гурӯҳ буд. Иштироки мустақили донишҷӯён ба воситаи аудио, видео ё хабари фаврӣ амалӣ мегардид. Пеш аз оғози чунин кор ба донишҷӯён  дар аудитория маводи чопӣ дода мешуд. Сипас омӯзгорон ба онҳо дар бораи ин мавод тавассути видеоконференсия, хабари фаврӣ ва интернет–телефон нишондоду иттилооти иловагиро пешниҳод мекарданд. Муошират дар чат ба омӯзгор имкон медиҳад, ки ба донишҷӯён як суол дода, ба онҳо интихоби ҷавобҳои имконпазирро пешниҳод кунад.Чунин усул дар баробари инкишофи мустақилият ба тафаккури донишҷӯён ангеза мебахшид, зеро таввасути пурсиш фаҳмиши маводи забонӣ тафтиш карда мешуд.

Супоришҳои ичрокардаи донишчӯёнро шарикони онҳо дар гурӯҳ баҳо медоданд. Замимаҳои муосир ба иштироккунандагони чат имконият доданд, ки на танҳо иттилоот ёбанд, балки иттилооти навро таҳия намоянд.

**2.2.Натичаҳои санчиши озмоишии таҳқиқот дар машғулиятҳои забони хоричӣ дар МТО-и забономӯзӣ**. Бо такя ба маълумоти назариявие, ки дар рафти таҳқиқот ба даст омаданд, мо ба хулосае расидем, ки баланд бардоштани сатҳи мустақилияти донишчӯён ҳангоми омӯзиши забони хоричӣҳам дар аудитория ва ҳам берун аз он масъалаи аввалиндарача мебошад, зеро такмили забон танҳо дар машғулиятҳои амалӣ барои инкишоф додани малакаҳои лингвистӣ ва коммуникативӣ, инчунин мустақилияти онҳо кофӣ нест.

Пеш аз гузаронидани озмоиш кори омодагиро анчом дода, озмоиши муқарраркунанда гузаронида шуд. Дар рафти он амалҳои донишчӯён, фаъолияти таълимии онҳо тахти мушоҳида шуда, анкетагирию тестгирӣ ва пурсиш ичро гардиданд. Вазифаи озмоиши муқарраркунанда санчидани вазъи сатҳи мустақилияти донишчӯён ва коркарди технологияи мақсадноки баланд бардоштани мустақилияти донишчӯён ба ҳисоб мерафт.

Дар ин марҳала дар оғози озмоиш таълимгирандагон (дар пурсиш 260 донишчӯ иштирок дошт) ба саволҳои зерин, ки бо худбаҳодиҳии қобилиятҳои донишчӯён алоқаманд буданд, чунин чавоб доданд:

**Чадвали №1.**

<table>
<tr><td rowspan="3">Мавчудияти қобилият:</td><td colspan="2">Ҳа</td><td colspan="2">Не</td><td colspan="2">Дар чавоб душворӣ мекашам</td></tr>
<tr><td rowspan="2">Микд. дониш-чӯён</td><td rowspan="2">%</td><td rowspan="2">Микд. дониш-чӯён</td><td rowspan="2">%</td></tr>
<tr><td>Микд. дониш-чӯён</td><td>%</td></tr>
<tr><td>Қобилияти гузоштани ҳадафҳои худ барои омӯзиши ЗХ</td><td>64</td><td>24,62</td><td>153</td><td>58,84</td><td>43</td><td>16,54</td></tr>
<tr><td>Қобилиятихудбаҳодиҳии салоҳияти забонӣ</td><td>31</td><td>11,92</td><td>142</td><td>54,61</td><td>87</td><td>33,47</td></tr>
</table>

| | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Қобилияти ҳалли масъалаҳо барои расидан ба ҳадафҳо:<br>А) шахсан худам; | 39 | 15 | 84 | 32,30 | 137 | 52,70 |
| Б) бо ёрии донишҷӯёни дигар | 45 | 17,31 | 101 | 38,85 | 114 | 43,84 |
| В) бо ёрии дастурҳо ва маълумотномаҳо | 11 | 4,23 | 207 | 79,61 | 42 | 16,16 |
| Г) бо ёрии омӯзгор | 195 | 75 | 9 | 3,47 | 56 | 21,53 |
| Инкишофи мустақилияти ман вобаста мебошад:<br>А) ба шавқу рағбати ман | 42 | 16,16 | 129 | 49,61 | 89 | 34,23 |
| Б) ба салоҳияти забонии ман | 93 | 35,77 | 90 | 34,61 | 77 | 29,62 |
| В) ба шароити ташкили КМРО ва КМД | 185 | 71,15 | 66 | 25,38 | 9 | 3,47 |
| Г) ба сифатҳои шахсиятии ман | 21 | 8,07 | 217 | 83,46 | 22 | 8,47 |
| Қобилияти эътирофи ҷиҳатҳои заиф ва боқуввати худ зимни омӯзиши ЗХ | 17 | 6,54 | 185 | 71,15 | 58 | 22,31 |

Дар марҳалаи дигар озмоиши ташаккулдиҳанда гузаронида шуд. Дар кори мо таҷрибаи таҳқиқоти озмоишии дусолаи масъала дар бораи инкишофи мустақилияти таълимгирандагон дар асоси таълими АНШХ-и забони англисии донишҷӯёни бахшҳои 1 ва 2-и МТО-и забономӯзӣ тавсиф шудааст.Дар бораи иштирокдорони таҷриба сухан ронда қайд мекунем, ки донишҷӯёни ГН ва ГО аз ҷиҳати шумора (30 нафар дар ҳар як гурӯҳ) ва синну сол (аз 18 то 20 сола) баробар буданд. Ҳамаи онҳо донишҷӯёни бахши 1 (соли оянда бахши 2) буданд. Дар лаҳзаи гузаронидани озмоиш онҳо бахши якхелаи барномаи таълимро меомӯхтанд. Дар ҳар ду гурӯҳ китоби дарсии якхела оид ба АНШХ-и забони англисӣ истифода мешуд.Илова ба китоби

дарсии асосӣ барои КМД ва КМРО дар гурӯҳи озмоишӣ технологияи муаллифӣ мавриди истифода қарор гирифт.

Барои муайян намудани талаботи ниҳоӣ нисбат ба азхуд кардани малакаҳои мустақилият дар натиҷаи кор бо супоришҳои муаллифии таҳиягардида ҳангоми иҷрои ҳар як супориш вақти вокуниши донишҷӯёни ГО ба супориш оид ба кори мустақилонақайд мегардид, ки таҳти роҳбарии омӯзгор иҷро мешавад. Сипас нишондиҳандаҳои рақамии вақти вокуниши донишҷӯёни ГО ба ҳамаи супоришҳо гирифта шуд. Донишҷӯёни ҳарду гурӯҳ кори мустақилонаро (КМРО ва КМД) танҳо аз рӯи китоби дарсӣ зери таҳрири В.Д.Аракин "Практический курс английского языка" (барои курсҳои 1 ва 2) иҷро карданд. Дар натиҷаи муқоисаи маълумот тибқи вақти вокуниш ба супоришҳо маълумоти рақамӣ ба даст омад. Дар ин ҷо мо байни донишҷӯёни ГО ва ГН фарқи зиёдро мушоҳида накардем:

1. Шинохтани образи овозии калима дар ҷумла ҳангоми вокуниш ба супориш: дар ҳар ду гурӯҳ: на бештар аз 0,6 -0,7 сония.

2. Шинохтани образи графикии калима дар ҷумла ҳангоми вокуниш ба супориш : дар ҳар ду гурӯҳ- 0,5-0,6 сония.

3. Такрори образи овозии калима дар ҷумла, дар рафти вокуниш ба супориш: дар ҳар ду гурӯҳ; на бештар аз 0,5-0,6 сония.

4. Такрори образи графикии калима, дар рафти вокуниш ба супориш на бештар аз 0,6-0,7 сония дар ҳар ду гурӯҳ.

Ба азхуд кардани сохтори грамматикии калима талаботи ниҳоии зерин пешниҳод гардид: тибқи интизориҳо дар охири кор аз рӯи технология донишҷӯёни ҳар ду гурӯҳ бояд аз уҳдаи иҷрои корҳои зерин бароянд:

1. Маънои калимаи нави сохтаро аз рӯйи сохтори морфологии он мустақилона муайян карда тавонистан, ба шарти он ки маънои реша ва маънои суффикс ё префикс маълум бошад.Барои вокуниш ба ин супориш набояд бештар аз 30 сония сарф шавад.

2. Бо ёрии суффикси мазкур ва решаи калима бо риояи қоидаҳои имло сохтани тавонистани калимаи дигар (масалан,carry-carrier). Вокуниш ба ин супориш на бештар аз 0,8 сония.

3. Тибқи конверсия аз феълҳои cry, drive, cover, dream, visit, surprise, сохтани исм ва аз исми land сохтани феъл ва дар давоми 30 сония ва дар шакли мувофиқ ба ҷумла гузоштани онҳо.

4. Дар давоми 30 сония бо ёрии морфемаҳои грамматикӣ (калимасозӣ) сохтани шакли грамматикии калима.

Таҳлили баъдиозмоиш нишон дод, ки донишҷӯёни ГО ҳангоми иҷрои қариб ҳамаи супоришҳо оид ба азхудкунии мустақилонаи сохтори грамматикии калима ба истиснои як супориш-бо ёрии морфемаи грамматикӣ сохта тавонистани шакли грамматикии калима – аз уҳдаи иҷрои супоришҳо баромаданд.Вале донишҷӯёни ГН, мутаассифона, дар вақти ба нақша гирифта супоришҳоро иҷро карда натавонистанд.

Дар мавриди азхуд кардани маънои калима талаботи ниҳоӣ ба донишҷӯ маҳорати дарёфтани маънои нави калима аз рӯи сохтори морфологӣ ва аз рӯи қарина мебошад.Вокуниши донишҷӯ ба супориш набояд аз 30 сония бештар бошад. Донишҷӯёни ҳар ду гурӯҳ (ГО ва ГН) ин супоришро дар вақти муайяншуда иҷро карданд.

Чунонки рафти кор нишон дод, барои бартараф кардани хатоҳои типикӣ, ки ҳангоми азхуд кардани мавод донишҷӯён ба онҳо роҳ медиҳанд, аз омӯзгори муосири ЗХ на танҳо дониши хуби забони таълим, балки нағз донистани забони модарии таълимгирандагон низ талаб карда мешавад. Ӯ бояд аниқ тасаввур намояд, ки донишҷӯён дар вақти шурӯъ кардан ба кори мустақилона чиҳоро бояд донанд. Ин нукта ҳангоми омода кардани мавод барои кори мустақилонаба назар гирифта шуд, ки бо мақсади инкишофи мустақилияти донишҷӯён дар раванди омӯхтани ЗХ чун ихтисос дар шароити низоми кредитии таълим баргузор гардид.Барои таҳлили муфассал оид ба ошкор сохтани мушкилиҳо, аз худ кардани мундариҷаи таълим дар маҷмӯъ ва унсурҳои алоҳидаи он таҳлили қиёсии фактҳои забонӣ - хориҷӣ ва модарӣ

аз рӯи шакл (садодиҳӣ, навиштан), маъно, истеъмол ҷиҳати муайян кардани дараҷаи интерференсияи забони модарӣ гузаронида шуд. Он нишон дод, ки мавод барои кори мустақилона бояд на танҳо аз нуқтаи назари ҳодисаи интерференсияи байни забонҳои модарӣ ва хориҷӣ дар дохили ЗХ аз рӯи дараҷаҳо: қавӣ-заиф-сифрӣ, балки ҳамчунин аз рӯи самти муқаррар намудани робитаҳои эҳтимолӣ  бо таҷрибаи собиқи донишҷӯён мавриди таҳлил қарор гирад. Муайян кардан лозим аст, ки бо маводи қаблан азхудкарда аз рӯи шакли овозӣ, шакли графикӣ, маъно, истеъмол кадом робитаҳоро барпо кардан мумкин аст.

Сипас мо бояд муайян кунем,ки ҳангоми инкишофи мустақилияти донишҷӯён кадом шакли таълимро интихоб кардан лозим аст: 1) шакли ба ҷузъҳо тақсимкардаи (компонентӣ) кор; 2) таълими амсилавӣ. Дар кори диссертатсионӣ мо намуди кори амсилавиро интихоб кардем, зеро дар он бештар фарқҳои инфиродии донишҷӯён ба назар гирифта мешавад: миқдори кофии машқҳои корӣ барои донишҷӯёни суст таъмин гардида, якрангӣ дар таълими донишҷӯёни боқувват пешгирӣ мешавад.

Дар рафти озмоиш муқаррар карда шуд, ки теъдоди супоришҳо барои иҷрои мустақилона дар рафти КМРО ваКМД набояд аз чор- панҷ супориш дар як машғулият бештар бошад. Агар донишҷӯ беш аз 4-5 амалро иҷро кунад, раванди идоракунии ёддиҳӣ суст мешавад; муҳлати муқаррар гардидани "робитаи акс" мавқуф гузошта мешавад, ки қобили қабул нест. Ҳангоми таҳлили хатоҳо мо барои муайян кардани он кӯшиш намудем, ки дар рафти иҷрои мустақилонаи супоришҳо ҳам дар асоси таҳлили хатоҳо ва хусусияти онҳо, ҳам дар заминаи суҳбат бо донишҷӯён кадом мушкилиҳо ба миён меоянд. Зимни дохил кардани тағйирот ба барномаи муаллифӣонҳо ба назар гирифта шуданд.

Ҳангоми ҷорӣ намудани технология ҳамчунин муайян кардан лозим буд, ки бо кадом роҳ ташкил кардани робитаи акс бештар ба мақсад мувофиқ аст, назорат ва мифтоҳ дар вақти иҷрои кори мустақилона оид ба забони хориҷӣ чиро бояд дар бар гирад. Таҳқиқи озмоишӣҳамчунин ба ҳалли

нисбатан самарабахши масъалаи ташкили мифтоҳ ёрӣ расонд: мушоҳидаи кори донишҷӯён тибқи барномаи муаллифӣ нишон дод, ки мустаҳкамкунӣ на танҳо ҳангоми муқоисаи натиҷаҳои амалиёт, балки пеш аз ҳама, ҳангоми бо ЗХ иттилоотро фаҳмидани донишҷӯ, ҳам зимни кор бо супоришҳои алоҳида ва ҳам бо матнҳои кӯтоҳ амалӣ мегардад, ки маълумоти барои онҳо муҳимро фаро гирифтаанд.

Ташкили амалиёти донишҷӯён бо маводи забонӣ, ки азхудкунии малакаҳои мустақилиятро таъмин мекунанд, яке аз марҳалаҳои муҳимтарини барномаи муаллифӣ ба шумор мерафт.Технология нишон дод, ки агар дар вақти КМРО ба донишҷӯён истифодаи ба истилоҳ“роҳнамоҳо”-роёд диҳем, ки барои дар кадом шакл гузоштани калима ёрӣ мерасонанд, онҳо амалиёти номбурдаро бо хатои камтар иҷро мекунанд.

Ғайр аз супоришҳои муаллифӣ, дар кор нақшаи озмоишӣ истифода гардид, ки дар доираи он робитаи байни стратегияҳои худбаҳодиҳӣ ва инкишофи мустақилияти донишҷӯён ҳангоми омӯхтани забони англисӣ дар МТО-и забонӣ мавриди омӯзиш қарор гирифт.Натиҷаҳои тадқиқоти мазкур аз он шаҳодат медиҳанд,ки мустақилияти донишҷӯёнро аз ҳисоби истифодаи методҳои худбаҳодиҳӣтақвият додан мумкин аст,вале дар ин маврид ҷустуҷӯи минбаъдаи такрории истифодаи маводи омӯхташуда зарур аст.

Барои муайян кардани мақсадҳои таҳлили маълумот дар вақти гузаронидани ҳар ду шакли кори мустақилона аз рӯи фанни АНШХ-и забони англисӣ пешниҳоди амсилавии (модулии) маводи забони англисӣ ба донишҷӯён интихоб гардид. Таҳқиқоти озмоишӣҷамъоварии маълумоти сифатӣ ва миқдорӣ, ҳамчунин стратегияи таҳлилро ба ҳам пайваст. Маълумоти ҳосилшуда гувоҳӣ медиҳанд, ки технологияи пешниҳодгардида ва супоришҳои муаллифии коркардшуда, ки дар фасли гузашта тавсиф шуданд, воситаи самарабахши инкишофи мустақилияти донишҷӯён мебошанд. Методҳои худбаҳодиҳӣвоқеан баҳосилшавии малакаҳои мустақилиятидонишҷӯён мусоидат мекунанд.Онҳоро ба худомӯзии мухтор

ва худсобиткунӣ ба сифати педагоги босалоҳияти ҷомеаимуосир омода менамоянд.

Ҳангоми тайёрӣ ба гузаронидани қисми амалии кор ҷадвали қиёсӣ барои муайян кардани сатҳи мустақилияти донишҷӯён дар асоси нишондиҳандаҳои зерин тартиб дода шуд.

**Ҷадвали №2.**

| Нишондиҳандаҳои муайянкунандаи салоҳияти мустақилият | Меъёрҳо аз рӯйи сатҳҳо, бо холҳо | | |
|---|---|---|---|
| | Сатҳи I (паст) | Сатҳи II (миёна) | Сатҳи III (баланд) |
| Пешрафт аз рӯи фанҳо: «Фонетикаи амалӣ», «Грамматикаи амалӣ», «АНШХ забони англисӣ» | 1-5 | 6-9 | 10-15 |
| Ангезиш ба омӯзиши забони хориҷӣ ва худинкишоф | 1-5 | 6-9 | 10-15 |
| Маҳорати ба нақша гирифтан | 1-5 | 6-9 | 10-15 |
| Маҳорати худидоракунӣ | 1-5 | 6-9 | 10-15 |
| Маҳорати худбаҳодиҳӣ | 1-5 | 6-9 | 10-15 |
| Зоҳир кардани боварӣ ба худ ҳангоми ҷавоб додан ба саволҳо, ҳангоми иҷрои супоришҳо | 1-5 | 6-9 | 10-15 |
| Ҳисси эҷодкорӣҳангоми иҷрои супориш (эҷодкории зеҳнӣ) | 1-5 | 6-9 | 10-15 |
| Маҳорати кор кардан дар даста (команда) ва ҳимояи ақидаи худ | 1-5 | 6-9 | 10-15 |
| Иҷрои тафриқавӣ, ки омӯзгор, ҳамчунин худи донишҷӯ гузоштааст. | 1-5 | 6-9 | 10-15 |
| Иҷрои тамоми ҳаҷми кори мустақилона | 1-5 | 6-9 | 10-15 |

Пеш аз ҷорӣ намудани технологияи таҳиягардидадар раванди таълим, ҳамчунин баъди озмоиш, дар вақти ҷамъбасти натиҷаҳои таҳқиқ мо нишондиҳандаҳои зерини донишҷӯёни ГО ва ГН-ро даст овардем.

**Ҷадвали № 3.**

**Нишондиҳандаҳои буриши то озмоишӣ**

| Нишондиҳандаҳои муайянкунандаи салоҳияти мустақилият | ГО(ба ҳисоби миёна) | ГН (ба ҳисоби миёна) |
|---|---|---|
| Пешрафт аз рӯи фанҳо: «Фонетикаи амалӣ», «Грамматикаи амалӣ», «АНШХ забони англисӣ» | СатҳиI | Сатҳи II |
| Ангезиш ба омӯзиши забони хориҷӣ ва худинкишоф | СатҳиI | СатҳиII |
| Маҳорати худидоракунӣ | СатҳиII | СатҳиII |
| Маҳорати худбаҳодиҳӣ | Сатҳи I | СатҳиI |
| Зоҳир кардани боварӣ ба худ ҳангоми ҷавоб додан ба саволҳо, ҳангоми иҷрои супоришҳо | СатҳиI | СатҳиII |
| Ҳисси эҷодкорӣҳангоми иҷрои супориш (эҷодкории зеҳнӣ) | СатҳиI | СатҳиI |
| Маҳорати кор кардан дар даста (команда) ва ҳимояи ақидаи худ | СатҳиII | СатҳиI |
| Иҷрои тафриқавӣ, ки омӯзгор, ҳамчунин худи донишҷӯ гузоштааст. | СатҳиII | СатҳиII |
| Иҷрои тамоми ҳаҷми кори мустақилона | СатҳиI | СатҳиI |

**Таблица №4**

**Нишондиҳандаҳои буриши баъди озмоишӣ**

| Нишондиҳандаҳои муайянкунандаи салоҳияти мустақилият | ГО (ба ҳисоби миёна) | ГН(ба ҳисоби миёна) |
|---|---|---|
| Пешрафт аз рӯи фанҳо: «Фонетикаи амалӣ», «Грамматикаи амалӣ», «АНШХ забони англисӣ» | СатҳиIII | СатҳиII |
| Ангезиш ба омӯзиши забони хориҷӣ ва худинкишоф | СатҳиIII | СатҳиII |
| Маҳорати худидоракунӣ | СатҳиIII | СатҳиII |
| Маҳорати худбаҳодиҳӣ | СатҳиII | СатҳиII |

| | | |
|---|---|---|
| Зоҳир кардани боварӣ ба худ ҳангоми ҷавоб додан ба саволҳо, ҳангоми иҷрои супоришҳо | СатҳиII | СатҳиII |
| Ҳисси эҷодкорӣҳангоми иҷрои супориш (эҷодкории зеҳнӣ) | СатҳиII | СатҳиI |
| Маҳорати кор кардан дар даста (команда) ва ҳимояи ақидаи худ | СатҳиIII | СатҳиII |
| Иҷрои тафриқавӣ, ки омӯзгор, ҳамчунин худи донишҷӯ гузоштааст. | СатҳиII | СатҳиII |
| Иҷрои тамоми ҳаҷми кори мустақилона | СатҳиIII | СатҳиII |

Натиҷаҳо баланд шудани сатҳи баъзе ҷузъҳои мустақилиятро дар ҳар ду гурӯҳ нишон доданд. Вале баландшавии нисбатан назаррас дар ГО дида мешавад, ки аз самарабахшии технологияи муаллифӣшаҳодат медиҳад, ки ба инкишофи мустақилияти донишҷӯён ҳангоми омӯхтани ЗХ дар шароити низоми кредитиии таълим нигаронида шудааст.

Дар марҳалаи муқарраркунандаи кори озмоишӣ мо буриш гузаронидем, ки натиҷаҳои он сатҳи наонқадар баланди инкишофи мустақилият ва дараҷаи ниҳоят пасти худбаҳодиҳии донишҷӯёнро нишон дод. Вале чи тавре, ки натиҷаҳои буриши баъди озмоиш ба саволҳои ҳаммонанд нишон доданд, баъди ҷорӣ намудани технологияи муаллифӣ донишҷӯёни ГО (30 нафар) худбаҳодии назарраси сатҳи мустақилиятро намоиш доданд.

**Ҷадвали№ 5.**

| Мавҷудияти қобилият: | Ҳа | | Не | | Дар ҷавоб душворӣ мекашам | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | Микд. дониш-ҷӯён | % | Микд. дониш-ҷӯён | % | Микд. дониш-ҷӯён | % |
| Қобилияти гузоштани ҳадафҳои худ барои омӯзиши ЗХ | 24 | 80 | 5 | 16,67 | 1 | 3,33 |

| | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Қобилияти худбаҳодиҳии салоҳияти забонӣ | 26 | 86,66 | 2 | 6,67 | 2 | 6,67 |
| Қобилияти ҳалли масъалаҳо барои расидан ба ҳадафҳо: А) шахсан худам; | 17 | 56,66 | 6 | 20 | 7 | 23,34 |
| Б) бо ёрии донишҷӯёни дигар | 3 | 10 | 20 | 66,66 | 7 | 23,34 |
| В) бо ёрии дастурҳо ва маълумотномаҳо | 3 | 10 | 7 | 23,34 | 20 | 66,66 |
| Г) бо ёрии омӯзгор | 7 | 23,34 | 17 | 56,66 | 6 | 20 |
| Инкишофи мустақилияти ман вобаста мебошад: А) ба шавқу рағбати ман | 16 | 53,33 | 6 | 20 | 8 | 26,67 |
| Б) ба салоҳияти забонии ман | 4 | 13,33 | 19 | 63,33 | 7 | 23,34 |
| В) ба шароити ташкили КМРО ва КМД | 4 | 13,33 | 19 | 63,33 | 7 | 23,34 |
| Г) ба сифатҳои шахсиятии ман | 6 | 20 | 16 | 53,33 | 8 | 26,67 |
| Қобилияти эътирофи ҷиҳатҳои заиф ва боқувввати худ зимни омӯзиши ЗХ | 24 | 80 | 4 | 13,33 | 2 | 6,67 |

Ҷорӣ намудани технологияи мазкур самарабахшии онро нишон дод. Донишҷӯён дар раванди иҷрои КМРО ва КМД фаъолияти таълимиро мустақилона амалӣ гардониданд, супоришҳоро зери роҳбарии омӯзгор ва бе роҳбарии ӯ иҷро намуданд, худро тарбия карданд, корашонро ба нақша гирифтанд.

Дар қаринаи мавзӯи таҳқиқшаванда возеҳ гардид, ки раванди инкишофи мустақилияти донишҷӯён тарҳи мураккаб мебошад, ки таълими худидорашавандаро инкишоф медиҳад ва ба ҳосил шудани малакаҳои забонӣ

ва иртиботӣ дар доираи барномаи таълимии муқарраргардида мусоидат мекунад. Натиҷаҳои таҳқиқотро ҷамъбаст намуда ва дар бораи хусусияти нақши омӯзгори забони хориҷӣ дар раванди кор, ки ба инкишофи мустақилияти таълимгирандагон нигаронида шудааст, сухан ронда, мо ба хулосае омадаем, ки ҳарчанд омӯзгор ҳомили дониш аст, дар барпо кардани муоширатуиртибот ӯ ёвар, дар андӯхтани донишҳои ҷанбаҳои забонӣ, фарҳангӣ, прагматикӣ ва семантикии ЗХ таъминкунандаи муошират мебошад.

**Дархотимаи таҳқиқи диссертатсионӣ** натиҷаҳо ҷамъбаст шуда, дар асоси онҳо хулосаҳои зерин ифода гардиданд:

Дар шароити низоми кредитии таълим консепсияи ташаккул ва инкишофи мустақилияти омӯзгорони оянда унсури бунёдии омодагиикасбии онҳо мебошад, ки тамоми раванд ва мундариҷаи таълим, аз ҷумла ҳангоми омӯхтани ЗХ ба он бояд равона гардад. Вале то ҳол назария ва амалияи педагогӣ бо зарурати ҷустуҷӯи ҳалли ихтилофҳо байни талаботи низоми кредитӣ нисбат ба ташаккулу инкишофи мустақилияти донишҷӯён ҳангоми омӯхтани ЗХ ва мундариҷаи раванди таълим, ки бо сабаби инфиродикунонии нокифояи таълим ба инкишофи малакаҳои мустақилият равона карда нашудааст; самарабахшии пасти машғулияти амалии таълимӣ; таҳия нашудани талабот ба кори мустақилонаи аудиторӣ ва беруназаудиторӣ; набудани технологияи самарабахши инкишофи мустақилияти донишҷӯён дар раванди омӯхтани ЗХ чун ихтисос дар шароити низоми педагогии таълим рӯ ба рӯ мешавад. Ҳангоми тарҳрезии технологияи муаллифӣ,ки дар асоси муқарраroту методҳо ва усулҳои таҳқиқшуда таҳия гардидааст, мо ба он нукта такя кардем,ки раванди омӯхтани ЗХ дар МТО дар шароити таълими кредитӣ ба фаъолияти омӯзгор ва донишҷӯ, ки мақсадноку аз ҷиҳати методӣ муташаккилона мебошад (КМРО), ҳамчунин фаъолияти худи донишҷӯён дар раванди КМД таркиб меёбад. Аз ин рӯ, дар раванди кор бо технология мо навъҳои кори мустақилонаро аз нуқтаи назари шароит, супоришҳо ва методикаи иҷрои онҳо баррасӣ кардем. Дар раванди таълими озмоишӣ барои

фароҳам овардани шароите кӯшиш намудем, ки ба ақидаи мо, ба инкишофи мустақилияти донишҷӯён мусоидат мекунанд: ба вуҷуд овардани муҳити кушода; ҳавасмандгардонии ташаббускорӣ; таҳлили кори мустақилона; хусусияти кори мустақилонаи таҳқиқӣ; имконияти таълими мутақобил;ангезиши тахайюлот; таҳрик додани нуқтаи назари ғайримаъмулӣ ё ғайриқолабӣ; ҷорӣ намудани усули "ҳуҷуми зеҳнӣ"; муҳокимаи мавзӯъҳои эҷодкорӣ; тамаркузи диққат ба лаҳзаҳои мусбат.

Хусусиятҳои шаклҳои машғулиятро (амалӣ, аудиторӣ, КМРО аудиторӣ, КМД –и беруназаудиторӣ) таҳқиқ намуда, мо ба хулосае расидем, ки онҳо ҳамдигарро пурра мекунанд ва дар низоми инкишофи мустақилияти донишҷӯён воҳиди томро ташкил менамоянд. КМРО бояд муназзам бошад ва дар аудитория, кафедра, лабораторияҳои лингафонӣ, ҳамчунин дар вақти таҷрибаомӯзии педагогӣ дар мактабҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ иҷро шавад. Ин кор бо роҳи гузаронидани мубоҳисаю музокира, бозиҳои касбӣ, мизҳои мудаввар, ҳалли супоришҳои кейсӣ, омӯхтани маводи иловагии таълим (вобаста аз фанни таълимӣ) ташкил карда мешавад. Дар кор ба исбот шудааст, ки пешниҳоди қисм ба қисмва амсилавии (модулии) мавод метавонад ангезишро барои фарогириималакаҳои когнитивӣ дар муҳити мухтор таъмин кунад. Ҳамчунин исбот шудааст, ки мустақилияти донишҷӯён натиҷаи навовариҳои методологӣ дар соҳаи тадриси ЗХ чун ихтисос, махсусан бо истифодаи дидгоҳи муоширатӣ (коммуникативӣ) мебошад.

Таҳқиқ нишон дод, ки инфиродигардонии (персонализатсия) мақсадҳои таълим, иштироки донишҷӯён дар нақшагирии дарсҳо, ҳавасмандгардонӣ баробитаи акс, мониторинг ва баҳодиҳии пешрафти худ, тамаркуз ба мақсадҳои худ дар омӯхтани ЗХ, кор бо ҳамсолон, муҳити мустақилонаи таълим ва ғайра дар ҳақиқат ба инкишофи мустақилияти донишҷӯён таъсир мерасонанд. Ғайр аз ин, эътимоди донишҷӯён ба омӯзгорон, шарикон, боварии онҳо ба қобилиятҳояшон  хеле зиёд шуд.Тамоюли болоравии пешрафти донишҷӯён мушоҳида гардид. Аз ин ҷо ба хулоса расидан мумкин аст, ки ҷузъҳои зерин ҷузъҳои мутақобиле мебошанд,ки мустақилияти

донишҷӯёнро инкишоф медиҳанд: шароити махсуси педагогӣ, ба нақша гирифтани раванд дар вақти таълим, интихоби метод,восита,маводи таълим; иҷрои хушсифати КМРО ва КМД; ҳамкорӣ бо омӯзгорон ва шарикон; мониторинги фаъолияти худ; назорат ва ё назорати мутақобил; баҳодиҳӣ ва ё худбаҳодиҳӣ; низомбандии салоҳиятҳои касбӣ; ҷанбаҳои ҳиссиётӣ-психологӣ; сифатҳои когнитивӣ; метокогнитивӣ ва ахлоқӣ.

Таҳлили натиҷаҳои таҳқиқи хусусиятҳои кори мустақилона ҳамчунин нишон дод,ки дар ташкили он  нақшагирӣ ва ташкили дақиқи раванди таълим,ки сифатҳоеро, мисли муташаккилӣ, интизомнокӣ, фаъолнокӣ, ташаббускорӣ, исроркориро дар ноил гардидан ба мақсади гузошташуда инкишоф медиҳанд, хеле муҳиманд.Технологияи дақиқ андешидаиинкишофи мустақилият маҳорати таҳлил кардани факту ҳодисаҳоро ҳосил мекунад; тафаккури мустақилонаро ташаккул ва инкишоф медиҳад, ки умуман боиси рушди эҷодии шахсият, инкишофи қобилиятитарҳрезии нуқтаи назар ва ақида худ, ҳимоя карда тавонистани онҳо мегардад.

Дар натиҷаи таҳқиқоти назариявӣ ва кори таҷрибавию озмоишӣ мо **тавсияҳои** илмии зеринро таҳия кардем:

- Барои ба нақша гирифтани кори мустақилона оид ба ЗХ дар МТО-и забонӣ машғулиятҳои ҷориро ба ҳар рӯзи ҳафта, супоришҳои ҳисоботиро(хониши хонагӣ, хониши инфиродӣ, ҳисоботи таҷрибаомӯзии шифоҳӣӣ ва аз рӯи мавзӯи грамматикӣ) ба ҳафта, моҳ ва семестр тақсим кардан лозим аст. Нақшаи инфиродие тартиб додан лозим аст,ки аз ду қисм иборат буда, ҷадвали машғулиятҳои таълимӣ ва ҳисоботро дар бораи иҷрои кор бо сабти рӯзҳои ҳафта, соатҳо ва шаклҳои кори мустақилона дар бар гирад.

-Тартиб додани нақшаи якмоҳаи (ҳафтаина) кор имкон медиҳад,  ки на танҳо аз рӯи фанҳо, балки аз рӯи навъҳои кори таълимӣ (масалан, хондани адабиёт, тайёр кардани муаррифӣ, конспектисарчашмаҳо ва ғайра) ба нақша гирифта шавад.

- Нақшаи дурнамо барои семестр. Донишҷӯ баъди ҳосил кардани малакаҳои нақшагирии мустақилонаи кор дар як рӯз, дар як ҳафта ба тартиб додани чунин нақша машғул мешавад.Чунин нақша метавонад тамоми шаклҳои асосии кор оид ба инкишофи ҷаҳонбинии умумӣ ва фарҳангӣ, педагогӣ, махсус ва ҷамъиятию сиёсиро фаро гирифта, аз қисматҳои зерин иборат бошад: "Кори таълимии донишҷӯ" (аз рӯи фанҳое, ки дар МТО омӯхта мешаванд); "Худомӯзии педагогии донишҷӯ"; "Машғулиятҳои худомӯзӣ оид ба технологияҳои иттилоотӣ - компютерӣ" "Худомӯзии педагогии донишҷӯ", "Худомӯзӣ оид ба ихтисос" ва ғайра.

- Азбаски кори мустақилона оид ба ЗХ иҷрои ҳаррӯзаи супоришҳоиҷорӣ, ҳамчунин супоришҳои ҳисоботиро (назорати марҳалавӣ, ки ҳар шаш моҳи таҳсил гузаронида мешавад) дар бар мегирад, зарурати тафриқабандӣ ва ҷузъбандии ҷадвал ба миён меояд.

- Бо назардошти назорати марҳалавӣ ва супоришҳои семестрӣ (супоридани хониши инфиродӣ, тайёр кардани реферат, кори курсӣ, маърӯза дар маҳфил, дар Ҷамъияти илмии донишҷӯён ё дар конференсияи илмии донишҷӯён ва ғайра) нақшаи дурнаморо бо муқаррар намудани муҳлати ҳисобот дар бораи кори иҷрошуда таҳия кардан мумкин аст.

Дар асоси таҳқиқоти анҷомёфта технологияи инкишофи мустақилияти омӯзгорониояндаи дар шароити муосири таълими забони хориҷӣ (дар асоси маводи факултетҳои забонии Ҷумҳурии Тоҷикистон) таҳия ва дар амал ҷорӣ карда шуд.

Бо назардошти назорати фосилавӣ ва супоришҳои семестрӣ,(супридани хониши мустақилона, омода намудани реферат , корҳои курсӣ маърӯза дар маҳфилҳо ё дар конференсияҳои илмӣ ва ғайра ) метавон нақшаи пурмӯҳтаво тартиб дод.

## МУНДАРИҶАИ АСОСӢ ВА НАТИҶАҲОИ ТАҲҚИҚОТИ ДИССЕРТАТСИОНӢ ДАР ИНТИШОРОТИ ЗЕРИН ИНЪИКОС ЁФТААНД:

**I. Мақолаҳое, ки дар нашрияҳои тақризии КОА-и назди Президенти ҶумҳурииТоҷикистон ва КОА-и Вазорати маориф ва илми Федератсияи Россия ба табъ расидаанд:**

[1-М] Ахмедова М.Н. Самостоятельная работа в аспекте профессиональной деятельности будущего учителя иностранного языка / М.Н. Ахмедова// Учёные записки. – Худжанд, №4 (61), 2019. – С.199-202 ISSN -2077

[2-М] Ахмедова М.Н. К вопросу развития самостоятельности будущих учителей иностранного языка в условиях языкового вуза / М.Н. Ахмедова //Вестник Бохтарского государственного университета имени Носира Хусрава. – Бохтар, №1/1 (71), 2020. – С.140-144 ISSN 2663-553

[3-М] Ахмедова М.Н. Способы контроля уровня самостоятельности будущих учителей иностранного языка в условиях кредитной системы обучения в вузе / М.Н. Ахмедова //Успехи гуманитарных наук Россия, №3, 2021. – С.60-63 ISSN 2618-7175

[4-М] Ахмедова М.Н. Обучение студентов языкового вуза общественно-политическому материалу в процессе самостоятельной работы / М.Н. Ахмедова / Учёные записки. – Худжанд, №3 (68), 2021. – С.209-212. ISSN 2077 4990

**II. Мақолаҳое, ки дар нашрияҳои дигар чоп шудаанд:**

[5-М] Ахмедова М.Н.Теоретические аспекты использования мультимедийных технологий в обучении иностранному языку [Текст] / М.Н. Ахмедова (в соавт.) // Материалы республиканской научно-практической конференции «Проблемы обучения иностранным языкам в вузах: проблемы, перспективы». – Худжанд, “Меъроч” – 2021. – С.80-84

[6-М] Ахмедова М.Н.Технология развития самостоятельности студентов в процессе изучения иностранных языков в языковом вузе [Текст] / М.Н. Ахмедова // Материалы республиканской научно-практической конференции: Актуальные проблемы современного языкознания и методики преподавания иностранных языков. –Худжанд, 2022 – С.199-202

[7-М] Ахмедова М.Н.Современные методы обучения английскому языку в средних школах [Текст] / Ахмедова М.Н.(в соавт.) // Применение принципов CEFR в обучении профессиональному иностранному языку на основе болонского процесса: сборник научных статей международной научно-методической интернет-конференции, посвященной 30-летию Независимости Республики Таджикистан. Худжанд, 2022. – С.66-71

[8-М] Ахмедова М.Н. Организация самостоятельной работы студентов при обучении иностранному языку в условиях кредитной системы обучения в вузе [Текст] / Ахмедова М.Н. (в соавт.) // Сборник научных трудов преподавателей факультета иностранных языков ГОУ «Худжандский государственный университет имени академика Б.Гафурова» - Худжанд, №9, (2019). – С.146-151

[9-М] Ахмедова М.Н.К Вопросу организации самостоятельной работы студентов на учебном занятии по иностранному языку [Текст] / Ахмедова М.Н. // Материалы республиканской научно-практической конференции на тему “Актуальные вопросы методики преподавания общественно-гуманитарных дисциплин”. – Душанбе-2019. – С.196-204

[10-М] Ахмедова М.Н.Основные требования к учителю иностранного языка [Текст] / М.Н. Ахмедова (в соавт.) // Актуальные проблемы типологического языкознания, германистики и методики преподавания иностранных языков. – Худжанд, Меъроч, №12, 2021. – С.49-56

[11-М] Ахмедова М.Н. Организация самостоятельной работы студентов с использованием электронных ресурсов [Текст] / М.Н. Ахмедова (в соавт.) // Актуальные проблемы типологического языкознания, германистики и

методики преподавания иностранных языков. – Худжанд, Меъроч, №13, 2022. – С.69-76

[12-М] Ахмедова М.Н. Сборник грамматических упражнений для студентов первого курса [Текст] / М.Н. Ахмедова (в соавт.) // Худжанд: Изд-во СИ Файзибоев М.М. “Меъроч”, 2021. – 56 с.

[13-М] Ахмедова М.Н. Педагогическое обеспечение процесса развития самостоятельности будущих учителей иностранного языка в языковом вузе [Текст] / Материалы конференции “Перспективы развития высшего образования в эпоху глобализации” // Худжанд: “Нури маърифат”. – С. 134-137

# АННОТАЦИЯ

диссертационной работы Ахмедовой МавжудыНегматовны «Технология развития самостоятельности будущих учителей иностранного языка в современных условиях иноязычного образования (на материале языковых факультетов Республики Таджикистан)», представленной на соискание учёной степени кандидата педагогических наук по специальности 13.00.08 – теория и методика профессионального образования

**Ключевые слова:** педагогические условия,самостоятельная работа студента, кредитная система обучения, обучение английскому языку, профессиональная подготовка студентов,развитие самостоятельности, технология формирования самостоятельности.

Существующее в настоящее время **противоречие** между требованиями кредитной системы к формированию и развитию самостоятельности студентов при изучении ИЯ и содержанием процесса обучения, не ориентированного на развитие навыков самостоятельности из-за незначительной индивидуализации обучения привел к мысли разработать и применить на практике технологию развития самостоятельности студентов в процессе изучения ИЯ как специальности в условиях кредитной системы обучения.

Цель диссертационного исследованиясоздание и разработка технологии развития самостоятельности студентов языкового вуза в современных условиях иноязычного образования на основе педагогических подходов, применяемых в современном образовательном процессе. Диссертационное исследование состоит из двух взаимосвязанных глав.

В первой главе рассматриваются  современные условия системы иноязычного образования в языковых вузах Республики Таджикистан, представляется уровень разработанности проблемы формирования и

развития самостоятельности при обучении ИЯ как специальности, отмечаются особенности организации аудиторной и внеаудиторной самостоятельной работы студентов языкового вуза по ИЯ, а также педагогическое обеспечение процесса развития самостоятельности будущих учителей ИЯ на этапе профессиональной подготовки в вузе.

Во второй главе диссертации, состоящей из двух параграфов,описывается процесс внедрения технологии развития самостоятельности студентов в системе изучения ИЯ как специальности в условиях кредитной системы обучения, и приводятся результаты экспериментальной апробации исследования на занятиях по ИЯ в языковом вузе.

В Заключениидиссертационного исследования подводятся итоги, на основе которых сформулированывыводы и рекомендации.

На основе проведенного исследования в диссертации: разработана и внедрена в практику технология развития самостоятельности будущих учителей ИЯ в современных условиях иноязычного образования (на материале языковых факультетов вузов Республики Таджикистан).

## АННОТАТСИЯИ

кори диссертатсионии Ахмедова Мавҷуда Негматовна “**Технологияи инкишофи мустақилияти омӯзгорони ояндаи забони хориҷӣ (дар асоси маводи факултетҳои забонии макотиби олии ҶумҳурииТоҷикистон)**”, ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.08-Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ пешниҳод шудааст.

**Калидвожаҳо**: шароити педагогӣ, кори мустақилонаи донишҷӯ, низоми кредитии таълим, таълими забони англисӣ, омодагии касбии донишҷӯён, инкишофи мустақилият, технологияи ташаккули мустақилият.

Ихтилофоти алҳол мавҷуда байни талаботи низоми кредитӣ ба ташаккулу инкишофи мустақилияти донишҷӯён ҳангоми омӯхтани забони хориҷӣ ва мундариҷаи раванди таълим, ки бо сабаби фардикунонии нокифояи таълим ба рушди малакаҳои мустақилият нигаронида нашудааст,

ба мулоҳизае расонд,ки технологияи инкишофи мустақилияти донишҷӯён дар раванди омӯхтани забони хориҷӣ чун ихтисос дар шароити низоми кредитии таълим таҳия ва дар амал татбиқ карда шавад.

Мақсади таҳқиқи диссертатсионӣ коркарди технологияи инкишофи мустақилияти донишҷӯёни МТО-и забономӯзӣ дар шароити муосири таҳсили забони хориҷӣ дар асоси муносибатҳои педагогие мебошанд,ки дар раванди таҳсилоти замони ҳозира мавриди истифода қарор мегиранд.Таҳқиқи диссертатсионӣ аз ду боби алоқаманд иборат аст.

Боби аввали таҳқиқоти диссертатсионӣ таҳти унвони “Ҷанбаҳои назариявии инкишофи мустақилияти омӯзгори ояндаи забони хориҷӣ дар мактаби олӣ” чор фаслро дар бар мегирад. Дар ин боб шароитҳои муосири низоми таълими забони хориҷӣ дар МТО забонии Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасӣ шудаанд, сатҳи омӯхта шудани масъалаи ташаккулу инкишофи мустақилият ҳини омӯзиши ЗХ чун ихтисос пешниҳод гардидааст, хусусиятҳои ташкили кори мустақилонаи аудиторӣ ва беруназаудитории донишҷӯёни МТО-и забономӯзӣ оид ба ЗХ, ҳамчунин таъминоти педагогии раванди инкишофи мустақилияти омӯзгорони ояндаи ЗХ дар марҳалаи омодагии касбӣ дар МТО қайд шудаанд.

Боби дувуми диссертатсия таҳти унвони “Татбиқи амалии технологияи инкишофи мустақилияти омӯзгорони ояндаи забони хориҷӣ дар шароити муосири МТО”аз ду фасл иборат аст. Дар он раванди ҷорӣ намудани технологияи инкишофи мустақилиятидонишҷӯён дар низоми омӯхтаниЗХчунихтисосдар шароити низоми кредитии таълим тавсиф ёфта, натиҷаҳои санҷиши озмоишии таҳқиқот дар машғулиятҳо аз ЗХ дар МТО-и забономӯзӣ зикргардидаанд.

## Abstract of Dissertation

of Akhmedova Mavjuda Negmatovna on the topic “The technology of development of independence of future foreign language teachers in modern

conditions of foreign language education (based on the material of the language faculties of the Republic of Tajikistan)” for the degree of Candidate of Pedagogical Sciences in the specialty 13.00.08–Theory and methods of professional education

(Pedagogical Sciences).

Key words: pedagogical conditions, independent work of students, credit system of education, teaching English, professional training of students, development of independence, system of formation of independence.

The current contradiction between the requirements of the credit system for the formation of students' independent in the process of study of a foreign language and the content of the learning process, which is not focused on the development of independence skills due to the slight individualization of learning, led to the idea of developing and applying into practice a technology for developing students' independence in the process of studying FL as a specialty in the conditions of the credit system of education.

The purpose of the dissertation research is creation and development of technology for the development of independence of students of a language university in modern conditions of foreign language education based on pedagogical approaches used in the modern educational process. The dissertation research consists of two interconnected chapters.

The first chapter discusses the current conditions of the system of foreign language education in language universities of the Republic of Tajikistan, presents the level of elaboration of the problem of formation and development of independence in teaching a foreign language as a specialty, notes the features of the organization of classroom and extracurricular independent work of students of a language university in a foreign language, as well as pedagogical support for the process of developing independence of future teachers of a foreign language at the stage of professional training at the university.

The second chapter of the dissertation, consisting of two paragraphs, describes the process of introducing technology for the development of students'

independence in the system of studying a foreign language as a specialty in the conditions of a credit system of education, and presents the results of experimental testing of the study in the classroom for foreign language in a language university.

In the Conclusion of the dissertation research, the results are summarized, on the basis of which conclusions and recommendations are formulated.

On the basis of the research a technology for developing the independence of future teachers of a foreign language in modern conditions of foreign language education (on the material of the language faculties of the Republic of Tajikistan) was developed and applying into practice.